*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 14 (12342)
7 апрели
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ТАҲЛИЛ

## Дар бораи як китоби дарсӣ

*Муқаддима*

***Беш аз дувуним ҳазор сол қабл Аристотел дар асари маъруфаш "Сиёсат" навишта буд: "Магар бошад касе шубҳа кунад, ки қонунгузор (давлат, ҳукумат- С.Я.) бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон бо таваҷҷуҳи фавқулода муносибат кунад, зеро дар давлате, ки чунин ғамхорӣ нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад" (Аристотель. Политика. -М.:РИПОЛ классик, 2010. - С.535).***



Яъне ду масъалаи ҳаётан муҳим - алоқамандӣ ва вобастагии сохти давлатдорӣ ба мактабу маориф аз замонҳои қадим ҳамраҳи инсоният будаанд. Ва қудрати одам ҳам баробар ба умқи фикр ва қобилияти дарк карда тавонистани моҳияти зуҳуроти олам дониста шудааст. Шоир ва мутафаккири немис Гёте таъкид мекунад: **“Мегӯянд, ки рақамҳо дунёро раҳбарӣ мекунанд; шубҳае нест рақамҳоҳатто нишон диҳанд, ки дунё чӣ тавр раҳбарӣ карда мешавад”**(Слово о науке. -М.: Знание, 1978. -С.10).

Аз ин ҷиҳат, нашри китоби гурӯҳи олимони Академияи миллии илмҳо Қосимшо Искандаров, Раҳматкарим Давлатов, Ҷамолиддин Саидзода, Беҳрӯзи Забеҳулло, Сайидхоҷа Ализода, Нозим Нуров, Шамсиддин Нуриддинов **“Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс”** (Душанбе, 2021, дар ҳаҷми 310 саҳ.) ҳамчун **“Воситаи тавсиявӣ-амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ”**, ки **“бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чоп шудааст”**, иқдоми шоистаи дастгирӣ аст.

Ба назар мерасад, ки омода ва нашр кардани чунин китоб тақозои рӯз ба рӯз афзояндаи **яке аз муҳимтарин рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, зарурати баланд бардоштани нақши илм дар сохтори ҷаҳонбинӣ, системакунонии маҷмӯи масъалаҳои илмии марбут ба дидгоҳи маънавӣ ва методҳои тадқиқи он, коркарди дастгоҳи истилоҳ ва мафҳумоти илмии миллӣ, муайян кардани сарҳадҳои салоҳият, бархӯрд ва ҳалли мушкилоти вобаста ба мавзӯъ, ҳамчунин, ҳимояи мафкураи динӣ аз суиистифодаи он тавассути ворид кардани ҳар гуна равияҳои ифротгаро мебошад.**

Ҳадаф ва мавзуе, ки мо мехоҳем доир ба он ибрози назар намоем,**таҳлил ва арзёбии ташаккули маънавиёти миллӣ дар асоси ҷаҳонбинии дунявӣ дар мисоле чанд аз мақолаҳои дар маҷмӯаи мазкур гунҷонидашуда мебошад**.

### Давлати миллӣ ва дунявият

Бояд хотирнишон кард, ки масъалаи давлат ва давлатдорӣ қисмати ҳаётан муҳимми мавҷудият ва пойдории миллат аст.

Ягонагӣ ва умумияти қаламрав, забон, фарҳанг, маданият, урфу одат, идеология, эҳсоси муштараки ирсияти қавмӣ, нажодӣ, ки асоси давлатдории миллиро ташкил мекунанд, фақат тавассути ҳокимияти сиёсии мутамарказ, бо асосҳои ҳуқуқӣ ва имконоти танзими меъёрҳои конститутсионӣ таъмин карда мешаванд. Бидуни чунин шароит осудагӣ, субот ва рушди миллӣ наметавонад воқеият дошта бошад.

Таҷрибаи таърихӣ ҳама гуна даъвоҳоеро, ки миллат танҳо тавассути забон, адабиёт ва фарҳанг дар фазо ва вақт, дар шароите, ки соҳиби ҳокимияти сиёсӣ нест, фардият, мустақилият ва ҳувияти хешро нигоҳ дошта метавонад, рад мекунад. Зеро ин гуна даъво аз лиҳози мантиқи сиёсӣ ба воқеият ва дурнамои давлатдорӣ мувофиқ намеояд. Ҳодисаҳои охирини кишвари ҳамсоя ин назарияро бори дигар исбот намуд.

Давлат дар макone, вақте ва бо сабабе пайдо мешавад, ки омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву идеологӣ ва маънавию ахлоқӣ зарурати мавҷудияти ташкилоти марказонидашударо ба манфиати субъектҳои гуногуни сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, миллат ва халқиятҳо амалан эҳсос намоянд ва тавону иқтидори истифодаи чунин абзорро дошта бошанд.

Давлат замоне таназзул меёбад ва аз байн меравад, ки субъекти офарандаи он иқтидори сарфи захираҳои ҳаётан муҳимми зикргардидаро аз даст медиҳад.

Давлатсозӣ ва зиёдтар аз он таъмин намудани суботи давлат аз муҳимтарин ва мушкилтарин вазифаҳои миллат аст. Кори тахмин ва ҳадси эҳтимоли амал нест. Ин ташкилоти сиёсӣ, тавре хотирнишон гардид, натиҷаи таҳлили таҷрибаи кашмакаш, нобасомонӣ ва бенизомиҳое мебошад, ки ҳосили он ғайр аз эҷод кардан ва таъсис додани сохторе бо номи давлат нест. Аз ин ҷиҳат, ҳама гуна бенизомӣ созгори истилоҳи давлат нест. Ва ибораи фаъолияти самараноки давлатдорӣ мафҳуми системавист.

Муташаккилӣ ва устувории ин система аз фаъолияти муназзами соҳаҳои он, ки дар алоқамандӣ, вобастагӣ ва ҳамоҳангии якдигар қарор доранд, сарчашма мегирад.

Ташаккули идеология, маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ аз самтҳои ҳаётан муҳимми сиёсати давлатдорӣ аст.

**Аз тарафи дигар истифодаи истилоҳи идеология набояд боиси нороҳатӣ нисбат ба ифодаи тарзи тафаккур ва шакли муносибат ба маънавиёти ҷомеа бошад. Борҳо таъкид гардид ва бори дигар хотиррасон мегардад, ки истилоҳи деидеологизатсия навъи устувори мафҳуми худи идеология аст. Он барои аз байн бурдани фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи сиёсии дар чаҳорчӯби манфиатҳои давлатдорӣ муайянкардаи сохтори сиёсӣ, ба хотири дар мафкураи ҳадафҳои геополитикӣ ҷой кардани ҷаҳонбинии ғаразнок таъин шудааст. Чизи дигар, кашфиёти дигаре нест. Ва буда ҳам наметавонад.**

Аристотел таъкид мекунад: **“Давлат ба оне мансуб аст, ки табиатан вуҷуд дорад ва инсон аз рӯи табиати хеш зуҳуроти сиёсӣ аст”**(Аристотель. Политика. - М.: РИПОЛ классик, 2010. -С.29).

Бо доштани чунин манзалат инсон наметавонад бидуни идея

*(Давомаш дар саҳ.2)*

### •ДАР ИН ШУМОРА:•



Дастоварди довталабон дар олимпиадаҳои фаннӣ саҳ. 6

Як бому чанд ҳаво саҳ. 7

Масъулият бояд ҷиддӣ бошад саҳ. 8

Тафаккури техникӣ муҳим аст саҳ. 9

Кор бо машқҳо - тақвиятбахши дониш саҳ. 10

Муҳаббат – асоси оилаи солим саҳ. 11

Махзани мероси адабӣ саҳ. 12

Кимиёгар, донишманд ва омӯзгори соҳибтаҷриба саҳ. 13



Оши қарзӣ саҳ. 14

*Даме пеши доно беҳ аз оламест.*
*Ҳофизи Шерозӣ*

«Омӯзгор» № 14, 7 апрели соли 2022

# Дар бораи як китоби дарсӣ

***(Аввалаш дар саҳ.1)***

(*ормон, орзу, дидгоҳ, мақсад, маром, шакли муносибати маънавӣ ба субъектҳои аслии муассисаи сиёсии давлат*) вазифаи шаҳрвандии худро иҷро намояд.

Соҳибдавлатӣ, мансубияти ҳуқуқӣ ба қаламрави кишвар ва уҳдадорӣ дар назди Ватан, худ ангеза, идея, ормон ва қутбнамои маънавии тарзи амал мебошад.

Зуҳуроти ҳастии муваффақ шакли комили ин ангезаи зиндагисоз аст. **“Гузашта аз он, дар амалӣ кардани мақсадгузории ниҳоӣ камолоти олӣ ифода меёбад, аз дигар тараф, мавҷудияти худкифоӣ бошад, ҳамчун падидаи ниҳоӣ ва олитарини воқеият баҳогузорӣ карда мешавад”** (Ҳамон ҷо. –С.28).Чунин масъалагузорӣ, бидуни шак, мансуб ба инсон, ба шаҳрванд мебошад.

Мо муътақид ҳастем, шаш рукни сохти давлатдорӣ, ки дар боби якум, моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, дар баробари эълони воқеияти ҳуқуқӣ, муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат мебошанд.

Дар муносибатҳои субъект ва объектҳои ҳуқуқӣ, вақте сухан дар бораи таъмини суботи давлатдорӣ меравад, роҳ, усул, восита ва методҳои ҷабҳаи ташаккули ҷаҳонбинӣ мақоми муайянкунандагӣ мегиранд. Алалхусус, дар ҷараёни таърихии истиқрори истиқлолият. Аз ин ҷиҳат, мактаб ва маориф дар поягузорӣ, вусъат ва бардавомии сохти давлатдорӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Даҳсолаҳои сипаригашта барои азнавсозии маориф, ташаккули инфрасохтор ва захираҳои кадрии он сарнавиштсоз буданд. Дар шароити ниҳоят мушкили иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ барои пешрафти илму маориф заминаҳои аслӣ гузошта шуданд.

Дар ин росто, мутобиқ гардонидани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию тарбиявӣ ба пояҳои сохти конститутсионӣ – давлатдории миллӣ қисмати ҳаётан муҳимми фаъолияти маориф дониста мешавад. Зеро маҳз ҳарфҳои чопӣ (*он чизе, ки дар китоб дарҷ гардидааст*), мақсад ва моҳияти зиндагиро меомӯзанд. Масири кунунӣ ва оянда онро муайян месозанд. Тарз ва усули муносибат ба воқеияти сиёсиро нишон медиҳанд. Табиат, муҳтаво ва таъиноти инсонро дар ҷомеа аз нигоҳи илмӣ тафсир мекунанд.

### Баъзе масъалаҳои назариявӣ дар маҷмуа

Китоби **“Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс”** дар чаҳорчӯбаи ниёзҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа дар самти тарбия ва таълим навишта шудааст.

Маҷмӯа аз муқаддима ва мақолаҳо дар бораи омӯзиши аҳвол ва осори 27 тан аз адибони тоҷик иборат аст. Тибқи мавзӯъ, дар атрофи ақидаҳои равшангароӣ, маорифпарварӣ, илммеҳварӣ, дар умум, дунявият баҳс мекунад.

Муқаддимаи китоб ба қалами донишманд Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад. Дар он мавқеи илму хирад, маърифат, давлат ва сиёсат дар муносибат ба ҷанбаҳои эътиқод тафсир гаштаанд.

Муаллифи сарсухан бо такя ба андешаҳои мутафаккирони машҳури олам зарурат, мавқеъ ва манзалати илму донишро дар зиндагӣ шарҳ медиҳад. Тақдири инсонҳоро вобаста ба тарзи тафаккур ва сифати шинохти олам аз ҷониби худи одамон медонад. Ӯ дуруст зикр мекунад: **“ташаккули маниши нек табиист, ки худ аз худ ба ботини кас роҳ намеёбад, боистӣ раҳнамову қутбнамое дошта бошад. Ин қутбнамо аввалтар аз ҳама дониш аст, ки ҳамроҳ бо таҷрибаи зиндагӣ касро ба зинаи ақл ва аз он болотар дар нардбони камолот – ба хирадмандӣ мебарад**” (С.4). Барои тасдиқи фикр аз Абулқосими Фирдавсӣ мисоли мувофиқ меорад:

**Хирад поку дин поку дил поктар,**
**Бувад, ҳар кӣ дорад мanише ба сар.**

Бузургӣ, серталабӣ ва дақиқнигории муаллифи “Шоҳнома” дар он аст, ки ӯ ҳашт аср қабл аз файласуфи машҳури Ғарб, ки фармудааст: “**На танҳо натиҷаи таҳқиқот, балки роҳе, ки ба он ҳидоят мекунад, бояд ҳақиқӣ бошад. Таҳқиқоти ҳақиқат худаш бояд ҳақиқӣ бошад”** (Ковалченко И.Д. Методы исторического исследования. - М.: Наука, 2003. С.13), озодагии тинати инсонро бо таркиби сохтори ҷаҳонбинӣ ҳамбаста медонад. Аз илм, дониш, маърифат ва дин ҳам покиро тақозо дорад. Дар ин маврид ақл, ҳуш, зеҳн, идрок ва дарёфти инсонӣ-хирадро дар ҷойи аввал мегузорад. Ва онҳоро бо тинат, табиат, сиришт ва бузургии одам вобаста мешуморад.

Дар муқаддима масъалаи таъмир ва татҳири (*пок, покиза, тоза*) фикр, ба воситаи он расидан ба худшиносӣ, ки танҳо тавассути донишу хирад ва таҷрибаи зиндагӣ сурат мегирад, таъкид мегардад.

Яке аз беҳтарин қисматҳои сарсухан таҳлили мухтасари идеяҳои дунявият дар эҷодиёти мутафаккирон ва олимони араб аст, ки шоистаи омӯзиш ва бахрабардорист. Он дар самти интихоби мавзуъҳои илмӣ дар кафедраҳои ҷамъиятӣ ва Академияи илмҳо муфид ва барои бисёре аз зиёиёни миллӣ намуна мебошад.

Мусаллам аст, ки дунявият илм аст. Дар чаҳорчӯбаи мантиқи диалектикӣ арзи ҳастӣ мекунад. Шакли ҷаҳонбиниест, ки бо дарбаргирии маҷмӯи далелҳо қонунмандии умумӣ ва зарурии алоқамандии воқеияти реалӣ ва тафаккурро муайян месозад. Дар доираи муҳтавои масъала зиддиятҳои дохилии радшаванда надорад. Баръакс, ҷузъиёти он якдигарро давра ба давра пурра мегардонанд. Қувват мебахшанд.

Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз эътиқод, ки барои тасдиқи назария ва амалияи хеш ба таҷриба ва далелҳои воқеӣ ниёзмандӣ эҳсос намекунад, тафовути усулӣ дорад.

**Принсипи дунявият ҳамон вақт ба эътиқод розӣ шуда метавонад, агар охирин, усулан, ба аввалӣ қоил бошад, онро эътироф ва бидуни қайду шарт қабул кунад.**

Дар муқаддимаи китоб оварда шудааст, ки **“бидуни дониш идеяҳо афзун намегарданд, яъне ғизои ақл ва дар таҷриба таҳаввулёфтаи он – хирад ҳамеша илму дониш будааст”** (С.6). Чунин тарзи масъалагузорӣ дуруст аст. Ҳамзамон бо ин, муаллиф таъкид месозад: **“Ҳақиқат ин аст, ки хирад** *(ақл, ҳуш, зеҳн, идрок, дарёфт–С.Я.)* **ҳаргиз ба эътиқод** *(ақида доштан, бовар, яқин доштан – С.Я.)* **ихтилофе надорад”** (С.6).

Тарзе ишора гардид, мавзуи баҳси илмӣ моҳияти масъала аст. Дар ин маврид сухан дар бораи сарчашма ва муҳтавои илм ва эътиқодот, таркиби сохторӣ ва вазифаҳои функсионалии онҳо меравад.

Агар хирад бар илм асос ёфта бошад, махзани он назарияи дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқгардида мебошад, тавре ки худи муаллифи сарсухан ҳам ёдовар мешавад. Ҳамин тариқ, эътиқод ва боварҳо бо илм ва хулосаҳои илмӣ дар мухолифат қарор доранд. Муҳтавои ин зиддиятҳо дар ҷаҳони ислом, аз ҷониби бозигарони геополитикӣ мақсаднок, моҳирона ва тахассусмандона истифода мешавад.

**Субъектҳои манфиатдори низоъ муътақиданд, ки ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд. Ин аксиома барои бозигарони геополитикӣ воситаи “рӯзгузаронӣ” аст. Яъне ихтилоф дар раҳи рост ба вуҷуд намеояд. Ин захираи бузурги геополитикӣ – вуҷуд доштани сарчашмаҳои ҳалнашавандаи душмании тарафҳо маҳз дар чаҳорчӯбаи илм ва дин эҳтиёткорона нигоҳ дошта, парвариш меёбанд. Шаклҳои ҷадиди дар ин асос аланга задани зиддиятҳои идорашаванда коркард ва роҳандозӣ мегарданд. Таърихи Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ҷаҳони ислом далели возеҳ ва раднопазири ин гуфтаҳост.**

Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ бояд сирф дар асоси талаботи илмӣ ва илмиву методӣ таълиф гарданд. Мафҳум ва истилоҳот тибқи ҳамин усул бидуни эҳсоси духӯрагӣ ва мавҳумот истифода шаванд.

Воқеан, илм наметавонад бидуни суол хосияти устувор дошта бошад. Аммо зуҳуротеро, ки таҷриба ва озмоиш тасдиқ кардааст, натиҷаи он ҳақиқат ва ба мақсади таълиф созгор аст, салоҳ дониста мешавад, ҳамон тавр истифода гардад. Хонандаро набояд воридИ баҳсҳое кард, ки ӯ ҳанӯз тавони фаҳмиши онҳоро надорад.

### Манбаъҳои назарияи дунявӣ

Дарки моҳияти дунявият, аввалан, бо эҳсос ва исботи қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, қатъан, зери таъсири илмҳои табиатшиносӣ пайдо шудааст. Баъдан, ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла, адабиёт ворид гаштааст. **Илмҳои табиатшиносӣ - зистшиносӣ, риёзиёт, физика, кимиё, ситорашиносӣ, тиб ва ғайра ҷавҳар, пойдевор ва сутуни аслии тафакккури дунявият мебошанд**. Тавре маълум аст, инҳоро илмҳои дақиқ ва бунёдӣ ном мебаранд. **“Воқеияти вуҷуд доштани ашё ва далел тавассути озмоиш ва мантиқ муайян карда мешавад. Чизе, ки тасдиқ намегардад, аз тафаккури ратсионалӣ** *(оқилона, маъқул, дуруст-С.Я.)* **берун аст”** (Ардашев Р.Г. Иррациональность общественного сознания россиян. -М.: РГСУ, 2021. -С.10). Бидуни илмҳои табиатшиносӣ дунявият, ҳамчун мафҳуми илмӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, чизе ғайр аз тахайюли одӣ, омӣ ва содалавҳонае буда наметавонад. Бе илмҳои табиатшиносӣ истилоҳи дунявият навъи тафсири хурофотии олами ҳастӣ, мафҳуми пуч ва хушку холӣ аст, на чизи дигар.

Ақидаҳои саромадони илм ва адабиёти тоҷик, асосгузорони ақидаҳои дунявӣ дар сохтори ҷаҳонбинии миллӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон натиҷаи омӯзиши илмҳои дартаҷрибаи инсонӣ санҷидашуда мебошанд, на таъсири дидгоҳи фавқуттабиӣ, хурофотӣ ва мифологӣ.

**Ҳамин тариқ, дунявият маҷмуи ҷаҳонбинии илмии дар асоси дарки қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур бавуҷудомада ва назарияи дар таҷрибаи инсонӣ бо далелҳо тасдиқгардида мебошад. Маҷмӯаи муназзами андешаҳо ва амалияи тадқиқотро дар ҷараёни наздикшавии абадӣ ва беохири тафаккури инсонӣ ба олами ҳастӣ, принсип ва консепсияи ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳамзамон бо ин, дидгоҳи аҳли илм ва адабиёту фарҳангро дар фаъолияти эҷодӣ муайян мекунад.**

### Нигоҳе ба муҳтавои китоб

Ба фикри мо, яке аз мақолаҳои муваффақи маҷмӯа **“Умари Хайём - ринди мунавварфикр”**мебошад.

Дар китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ, муҳим аст, ки ҳадафи таълиф аз муқаддима то хулоса ба тадриҷ, қадам ба қадам ҳалли худро ёбад. Дар чунин маврид, шарҳи замони зиндагии адиб ва тарҷумаи ҳоли вай нақши муҳим дорад. Ва барҳақ, муҳаққиқ маҳз лаҳзаҳои ба мавзуъ муассири ҳаёти Умари Хайёмро интихоб намудааст, ки аз муҳимтарин омилҳои ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун олим, адиб, мутафаккири озодандеш ва ҳақиқатнигор ба ҳисоб меравакд. Чунин шакл ва усули таълиф барои омода кардани хонанда ба дарки асли мавзуъ кумак мекунад. Муаллиф, аз ҷумла, менависад: Хайём “**дорои ҳушу хотираи неруманде будааст. Дар даврони ҷавонӣ ба фарогирии илму дониш пардохта, дар фалсафа, нуҷум ва риёзӣ ба дараҷаҳои баланди илмӣ расидааст**” (С.56).

Муҳаққиқ бо нишон додани давраҳои донишандӯзӣ ва илмомӯзии Хайём баъдан чӣ тавр **“субъекти таҳқиқ ба танзими ҷаҳони бенизом шуруъ карданро”** (И. Кант) тафсир мекунад: **“Хайём дар даврони ҳукумати султон Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ дар Нишопур аввалин расадхонаро бунёд кард ва бо дархости ӯ даст ба ислоҳи тақвим зад, ки то кунун бо номи “Тақвими Ҷалолӣ” маъруф аст. Рисолаи “Ҷабр ва муқобала” ба иловаи рисолаи дигар, ки дар он ба мушкилоти ҳандасаи Уқлидус посух додааст, аз машҳуртарин осори Хайём дар илми риёзиёт ҳастанд”** (С.57).

Муаллиф бо ошкор кардани таҷрибаи андухта ва сифатҳои шахсияти мутафаккири бузург муҳимтарин ҷанбаҳои ақидатии Хайёмро шарҳ медиҳад:” **Мавзуи асосии рубоиёти Умари Хайёмро асрори азал, рози офариниш, муаммои ҳастӣ, ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ, тамасхури хурофотпарастон, мубориза бо хурофоту мавҳумот, маҳкумияти ақоиди бепояи уламову фақеҳон, ташвиқи инсон барои баҳрабардорӣ аз дами гузарони умр, тарғиби инсон барои раҳоӣ аз қайду бандҳои сохтаву пардохтаи зеҳнӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқати ашё ва шод зистану лаззат бурдан аз неъматҳои бешумор... ташкил додааст**”( С.56).

Муҳаққиқ аз шоири англис Эдвард Фитсҷералд мисол меорад, ки ӯ ҳанӯз соли 1859 рубоиёти Хайёмро тарҷума ва бо ин амали худ олим ва мутафаккири тоҷикро машҳури ҷаҳон кардааст. Ба хотири муътақид гардонидани хонанда, муаллиф таъкид намудааст, ки маҳз аз таъсири эҷодиёти адиб ва файласуфи забардасти миллати мо, дар Ғарб даҳҳо мактаби пешқадами ақидатӣ арзи вуҷуд кардааст ва дар ҳамин асос, барҳақ, Хайёмро яке аз асосгузорони эгзистионализм дар Дунёи Куҳан мешуморад.

Боиси қаноатмандист, ки дар мақола аз методҳои муқоисавӣ, сохториву функсионалӣ ва таърихӣ ҷиҳати ҷалб намудан ва муътақид сохтани хонанда хуб истифода шудааст. Ҳамин тариқ, муаллиф мехоҳад, донишомӯзро барои дарки муҳиммияти масъала – тағйири ҷаҳонбинӣ ба мақсади пешрафти ҷомеа ва рушди миллат раҳнамун созад: **“Бо кумаки рубоиёти Хайём аврупоиҳо худро аз қайду банди мавҳумоти динию мазҳабӣ наҷот доданд, аммо шарқиён, ки ба ин мавзуъ чандон таваҷҷуҳ накарданд, ҳамчунон дар банди афкори ғайриилмии хеш боқӣ мондаанд”** (С.56).

Дар таҳқиқи осори Умари Хайём муҳаққиқ ба дудилагӣ, духӯрагии маъно ва камҳавсалагӣ роҳ намедиҳад, чунончи дар қисмате аз бахшҳои ин китоб ва рафтори баъзе аз зиёиён мисли иқтибоси машҳур **“худҳошонро дар иҳотаи мавҳуми мансубият ба мағзи миллат”** мешуморанд, дида мешавад. Ӯ

***(Давомаш дар саҳ.3)***

Моҳи апрел даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» оғоз мешавад.

# Дар бораи як китоби дарсӣ

*(Аввалаш дар саҳ.2)*

бо овардани далелҳои мушаххас ибрoз медорад: "**Хайём бо тамоми қудрат озодии инсонро ситоиш намуда, тарс аз оянда ва накӯҳиш менамуд. Дар андешаи Хайём он чӣ инсонро хору залил мекунад, тарс аз оянда ва қабули хурофотест, ки дар тӯли асрҳо бар ӯ таҳмил шудааст. Бинобар ин, то замоне ки инсон аз зери бори хурофот ва андешаҳои ботил зеҳни худро озод накунад, ҳаргиз ба маънии зиндагӣ сарфаҳм намеравад**" (С.56).

Забони мақола содаву равон, фаҳмо ва мувофиқ ба сатҳи фаҳми хонанда аст.

Муаллифи мақолаи **"Носири Хусрав - шоири озода ва хирадгаро"** манзалати илмӣ ва адабии алломаи миллати тоҷикро дар доираи мавзуъ бо мисолҳо шарҳ додааст. Кӯшидааст, ки мухтавои эҷодиёти ӯро маҳсули тинати бузурги шоир ва андухтани донишу таҷриба ба қалам диҳад.

Хусусияти эҷодиёти Носири Хусрав бо он фарқ мекунад, ки ӯ дар ибрози ақидаҳо ба мисли гузаштагони бо нангу ори худ, устувор, собитқадам ва далеру рӯинтан аст. Муҳаққиқ тағйири ҷаҳонбинии шоирро аз лиҳози маънавӣ ба таъсири "Шоҳнома" ва рӯҳи ватанпарастонаи Абулқосими Фирдавсӣ вобаста медонад. Бо далелҳои асоснок хонандаро барои шиносоӣ ва муътақидкунонӣ ба осори Носири Хусрав ҳидоят менамояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили эҷодиёти шоир ба хулоса меояд, ки **"Носири Хусрав адиб ва мутафаккири мубориз, миллӣ, инсондӯст, адолатҷӯ, озодихоҳ, худшинос ва дар орзуи ташкили давлати миллӣ аст"**(С.93). Нидои дили қаламкаши номварро нисбат ба фанои давлати Сомониён аз ин байти шоир дармеёбад:

*Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,*
*Ҳама дигар шудааст аҳволу сомон.*

Пайгирии мавзуъ дар мақола аҳамият дорад, зеро ҳар ҷое, ки сухан дар бораи таассуб, хурофот ва маънавиёти бегонапарастона меравад, он ҷо таърихи миллат ва забони модарӣ мақому манзалати шоистаи худро аз даст медиҳад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлили эҷодиёти мутафаккири бузург ӯро ҳамчун шахсияти дорои қудрат ва тавоноӣ тавсиф мекунад. Ба муқобили ашхос ва зуҳуроти номатлуби ҷомеа равона шудани ин неруро таъкид месозад: "**Носири Хусрав шоир ва андешаманди ҳассос, кунҷков, пажӯҳанда, сафаргаро, ғурбатдида, чуну чарокунанда, мубориз, эътирозгар, амиристез, исёнгар, мардумдӯст, деҳқонситой, адолатхоҳ, инсондӯст буда, рӯҳониёни зоҳиргарой, мардумфиреб, шоирони маддоҳ, дингароёни муқаллиду ҷоҳил, нотавонбинони хурофотӣ, афроди бехувият, чоплусро, ки дар хидмати бегонагон қарор доштанд, дар осораш мазаммат менамояд**"(С.94).

Барои донишомӯз азхуд кардани сифатҳои мазкур на танҳо боиси бой гардидани захираи луғавии ӯ мегардад, балки қобилияти шинохти мантиқии мухтавои масъаларо аз лиҳози дарки иҷтимоӣ ва сиёсӣ барояш осон мекунад, ки ин нукта муҳимтар аз ҳама мебошад.

Дар мақола нигоҳи муҳаққиқ ба мавзӯъ тавассути истифодаи босалоҳият ва тафсири бомуваффақияти ашъори шоир барҷаста возеҳу равшан шарҳ дода шудааст.

**"Асирӣ - намояндаи насли маорифпарвар"** низ аз ҷумлаи мақолаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф барои кушодани мавзуъ аз назарияи умумии инъикоси воқеияти ҷамъиятӣ тавассути сухани бадеӣ хуб истифода кардааст.

Дар мавод вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангие, ки шоир ба камол расидааст, соҳиби илму маърифат гаштааст, тавзеҳ ёфтааст. Ҳамчунон, муҳаққиқ як нуктаи муҳим ва ибратангезро таъкид мекунад: "**Шоир ба таври мустақил таърихи адабиёти тоҷику форс, илмҳои табиию риёзиро хеле хуб меомӯзад. Вай дар муддати ҳашт соли иқоматаш дар Хуқанд забони русиро ҳам мустақилона омӯхта, дар мавриди тарзи навиштор ва гуфтори ин забон дониши мукаммале ба даст меорад**" (С.279).

Сарчашмаи ҷаҳонбинии Асирӣ таҷрибаи зиндагӣ ва донишҳои мукаммали ӯ мебошанд. Маҳз ин омилҳо ба адиб имкон медиҳанд, ки зиндагии тангу тори Бухорои вақтро ба кишварҳои пешрафта дар муқоиса гузорад, баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намояд. Барои адиб тавони дарки омилҳои воқеияти иҷтимоӣ, сабабҳои аслии вазъ ва рӯйдоди ҷомеа муҳим аст. Асирӣ муҳити барои гирифтани донишҳои илмӣ носозгоро ҳамчун монеа паси сар ва худро мисли як зиёии миллӣ иродатманд ва собитқадам муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқ аз ҷумла менависад: "**Асирӣ ба мисли дигар маорифпарварони тоҷик нисбат ба тартиботи асримиёнагии ҳоким дар Бухоро, зулми амиру амалдорон ва арбобони риёкори динӣ нафрат пайдо кард. Вазъияти пасти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишатии мардуми мазлуми Бухоро дили шоири нозукандешро ба дард меовард**"(С.280).

Муаллифи мақола дар натиҷаи таҳлили моҳияти эҷодиёти Тошхоҷаи Асирӣ ҳувият, тинат ва табиати шоирро ҳамчун шахсияти бузург ва ҷасуру далер, ба андешаи инҷониб, барои баъзе аз зиёинамоҳои дампои даврони мо, ки матои худҳошон ғарқи гирдоби таассубу хурофот аст, барои намуна нишон додааст: "**Асирӣ шоири шуҷоъ ва ҷасуре буд. Ӯ ба таври ошкор бар зидди рӯҳониёни мутаассибу риёкор, ки бо ҳокимони золим якҷо шуда, халқи бечораро бо фиребу найранг ғорат мекарданд, мубориза бурдааст. Шоир, ки худ таҳсилкардаи мадраса дар шаҳрҳои Хуҷанду Хуқанд буд, тинати тоифаи рӯҳониро медонист ва бо макру ҳияли онҳо хуб ошно буд**" (С.281).

Бидуни шак, ҷавҳари сухан дар мақола марбути шоири донишманд ва тавоно аст ва беҳтарин порчаҳои шеърии овардашуда тасдиқи афкори муҳаққиқ мебошанд. Ба хонанда илҳом мебахшанд. Ӯро дар рӯҳи баҳрабардорӣ аз илму маърифат ҳидоят мекунанд.

**Дар баробари дастовардҳо, ба фикри мо, мақолаҳои китоб аз камбудиҳо холӣ нестанд.**

Як зумра муаллифон, дар доираи мавзуъ, ҷуръати даст задан ба таҳлил ва арзёбии аҳвол ва ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти тоҷик, ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигар адибони барҷаста кардаанд. Дар ин роҳ заҳмат кашидаанд. Кӯшидаанд, ки тафсилоте пешниҳод намоянд. Аммо то ҳадди муайян дучори мушкилиҳо гаштаанд. Мо фақат намунаҳои кӯтоҳро дар бораи шарҳи эҷодиёти сардафтари адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ овардани ҳастем.

Аввалин ҷумлаи мақола, ки баъди тафсири ҳоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омадааст ва эҷодиёти ӯро бидуни муқаддима хулосабандӣ карданӣ мешавад, ин аст: "**Мавзуи ашъори Рӯдакӣ умдатан нопойдорӣ ва бевафоии ҷаҳон, ғанимат шумурдани фурсат, тарғиби шодӣ ва шодзистиро дар бар мегирад**" (С.16). (*Услуби баёни муаллифон дар иқтибосҳо айнан оварда шудааст*).

Ҳамчунон, муҳаққиқ менависад: "**Рӯдакӣ шоири миллигаро ва ситоишгари фарҳанг ва арзишҳои волои миллӣ дар замони Сомониён буд**"(С. 14). Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" калимаи миллигаро ҷойгоҳ пайдо накардааст. Аммо "миллатгаро" ҳамчун пайрави ақида ва сиёсати миллатгароӣ тафсир гаштааст. Он муродифи мафкура ва сиёсатҳои иртиҷоӣ дар муносибат ба миллатҳои дигар ва соҳибимтиёзу бартар шуморидани миллати худ аз миллатҳои дигар тавзеҳ ёфтааст *(Ниг. ба Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Д.: 2010.- С. 839)*.

Муҳаққиқ бо овардани беҳтарин порчаҳои шеърии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, мутаассифона, дар шарҳи баробарвазни онон дар доираи мавзуъ аз истифодаи методҳои илмӣ сарфи назар кардааст.

Дар мақолаи "**Фирдавсӣ - сарояндаи ҳамосаи Ватан ва андешаи дунявӣ**" муаллиф аз тафсири илмӣ - сабабҳои воқеии ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна худдорӣ мекунад: "**Ба ҳарфи дигар, шуубия ҳамчун ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар муқобили бузургманишӣ** (*бузургманиш будан - олитабиатӣ, олиҳимматӣ, асилзодагӣ, ашрофзодагӣ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. -Д.: 2010. -С. 251- С.Я.*) **ва поймол шудани ҳуқуқи халқҳо, бавижа аҳли Аҷам, падид омад, зеро дини ислом дар ибтидо мусовот ва баробарии ҳамаи мусулмононро эълон карда буд, аммо тадриҷан арабҳои истилогар ин шиори инсондӯстонаро канор гузоштанд ва миллатҳои шикастхӯрдаву мазлумро ба номи "мавлӣ" хонданд, ҳаққу ҳуқуқ ва баробарии ҳамаи мусулмононро нақзу зери шубҳа гузоштанд...**"(С.24).

Дар таҳлил ва арзёбии ҳаракати шуубия дар китоб ихтилофот ҷой дорад. Он боиси ба иштибоҳ бурдани хонанда мегардад: «**Андешаҳои шуубӣ то чанд сада пас аз истиқлоли давлатҳои миллӣ дар марзҳои Ориёно ҳамчунон ривоҷ дошт ва дар асоси тамаддуни исломӣ бар он ниҳода шуд**"(С.14); Дар ҷойи дигар:"**Албатта, тавре ки гуфтем, шуубия ибтидо дар дохили худи қабилаҳои араб пайдо шуда буд, зеро ҳар қавму қабилаи араб худро ҳукмрони кишвар меҳисобид**" (С.29);

Аммо хотирнишон бояд кард: "**Шуубия (аз ар. шуъуб-халқ, дар Қуръон ба маънои мардуми ғайри араб, аҷамиён омадааст) ҷараёни оппозитсионӣ нисбат ба усули ҳукмронии сиёсию фарҳангии арабҳо гӯянд, ки охири асри 8 дар байни аҷамиён пайдо шуда буд**" (Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8.-Д.: 1988. -С. 486).

Ба андешаи мо, мушкили асосӣ дар таълифи **"Андешаҳои дунявият дар адабиёти классикии тоҷику форс"** ба таври мушаххас муайян накардани ***объект ва предмети таҳқиқи илмӣ*** аст.

Маҳз ба ҳамин сабаб, бисёре аз муаллифон дар доираи маҷмӯа вазифаҳои худро пурра дарк накардаанд. Китобро на ба сифати дастури таълимӣ - **"Воситаи тавсиявӣ-амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ"**, тавре ки дар таъиноти он эълон шудааст, балки ҳамчун ҷамъи мақолаҳои назариявӣ, ибрози дидгоҳ ё бархӯрди субъективӣ ба мавзӯъ қабул кардаанд.

Маълум аст, ки ***объекти таҳқиқот*** маҷмӯи хосиятҳои муайяни зуҳурот ва ҷараёнҳои воқеияи реалӣ мебошад, ки бо сифатҳои алоҳидаи худ – система, структура, вазифа, мундариҷа, алоқаҳо ва қонунмандиҳои ҳастӣ аз дигар объектҳое, ки дар табиат, ҷамъият ва тафаккур ҳастанд, фарқ мекунад.

Ба хотири он ки ҷараёни онтологӣ ва гносеологӣ дар доираи объект моҳияти охиринро, дар маҷмӯъ, дар бар мегирад, зарур аст, он **қисмати объект мушаххас карда шавад, ки барои субъекти таҳқиқот ҳамчун арзиши аҳамияти амалии иҷтимоидошта интихоб шудааст. Ва онро, албатта,** ***предмети*** **таҳқиқот ном мебаранд.**

Ин камбудӣ дар бисёр маводи китоб, алалхусус, дар мақолаи **"Озодандешӣ ва дунёмадорӣ дар рубоиёти Абусаиди Абулхайр"**(С. 36-46) ба назар мерасад.

Истифодаи калима, ибора ва ҷумлаҳое, ки мухтавои мақолаи зикргардидаро ифода мекунанд, далели ин гуфтаҳоанд: "**Падари ӯ касби ошпазӣ дошта, писарашро аз хурдӣ ба ҷамъомади сӯфиҳо мебурд**"; "**Баъди омӯхтани илм ба Меҳана омада, хонақоҳе барпо кард**"; "**Шайх Абусаид бар ин назар буд, ки илм бояд ба мақоми шуҳуд** (шуҳуд – фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел) **бирасад**"; "**дар шеъру таронаи Абусаид сухани шаръӣ ниҳон буд**"; "**Абусаид озору азият ва куштани инсонҳоро ҳатто дар зери ливои дин сахт маҳкум мекунад**"(С.38, 39, 40, 45).*(Таваҷҷуҳ шавад ба мантиқ ва шакли ифодаи назари муаллиф ва хулосабарории ӯ маҳз дар ҷумлаи охир)*.

Тафсири баъзе порчаҳои шеърии Абусаиди Абулхайр натанҳо дар чаҳорҷӯбаи мақолаи зикргардида, балки аз нигоҳи шинохти мавқеи иҷтимоии ин шоири равияи тасаввуф, ба андешаи мо,бозомӯзӣ ва тафсири иловагиро тақозо дорад.

Ратсионализм, тавре ки дар порчаҳои назмии Абусаиди Абулхайр мебинем, дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи шоиста дорад. Аз ин захираи маънавӣ, тибқи мавзӯи илмӣ мақсаднок бояд истифода кард.

**Мавқеи олим, шоир, нависанда дар тӯли таърих, умуман ва дар давраи ҳассоси давлатсозии имрӯз, хусусан, аз муносибати ӯ ба манфиатҳои воқеан миллӣ - забон, фарҳанг, сарзамин, худшиносӣ ва ҳештаншиносии миллӣ, дар ин асос тамоюл ва иродаи дар замири наврасону ҷавонон бедор кардани эҳсос ва ифтихори ватандӯстӣ зоҳир мегардад. Бидуни такя ба илм ва ба далелҳои таърихӣ чунин кӯшиш аз таассубу хурофот чизе бештар нест.**

**Боиси таассуф аст, ки баъзе аз намояндагони соҳаи илм, бошуурона (*ё шояд баръакс*) зери пӯшиши гносеологияи схоластикии "фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел" дар осиёби ҷараёнҳои зиддимиллӣ, ҷаҳонбинии мавҳум, ифрот-гароӣ, ҳаракат ба сӯйи торикиву зулмот об мерезанд ва бо ин амал ба илму маорифи миллӣ "хизмат" карданӣ мешаванд.**

Чунин муносибати ***гелтерии содалавҳона*** мактаби миллӣ ва мардумро ба раҳгумӣ мебарад.

Таҳрифи тарзи илмии тафсири таърих ва тафаккури миллӣ, бозтоби он аз нигоҳи таассуб хурофот шакли нозуки фидеизм аст, агар он зери пӯшиши муассисаи расмии миллии илмӣ бозтоб гардад. Ва ҳамчун зуҳуроти ниҳоят дағал,аз нигоҳи воқеияти таърихӣ ва адабӣ, ки намунаҳои он дар эҷодиёти Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав ва дигар бузургон оварда шудаанд, ба ҳисоб меравад. "**Фалсафа ҳамчун илми хирад барои ҳама таъин шудааст. На ҳама ба дарки он мерасанд, аммо ин масъалаи дигар аст**"(Гегел Г. В. Ф. Слово о науке.- М.: Знание, 1978.- С.33).

Илмҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, фалсафа, адабиёт, санъат, забоншиносӣ, этнография, давлатшиносӣ ҳуқуқ ва ғайра, дар шакл ва мазмун, сарфи назар аз зинаи камолот, се ҳазор сол қабл ҳам хосият ва бозтоби амиқи сиёсӣ, идеологӣ ва миллӣ доштанд. **Муаллақ набуданд. Соҳиби тараф буданд. Онро ҳимоя мекарданд. Давлат ҳам наметаво-**

# Дар бораи як китоби дарсӣ

*(Аввалаш дар саҳ.3)*

**нист ва наметавонад чабҳаи ташаккули маънавии миллатро бетаваҷҷуҳ монад. Муносибатҳои муассисаи марказии сиёсии ҷомеа (давлат, ҳукумат) ва соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, дар асл, як системаи бо ҳам алоқаманд ва вобаста мебошанд.** Ҳолати фавқулода дар ин муносибат мавзӯи дигар аст.

**Дар бораи забони маҷмуа**

Албатта, дар олам забони мутлақи фарогир, ки таркиби луғавии он фақат мансуб ба як миллат ё халқ бошад, вуҷуд надорад. Аммо тамоми забонҳои расмӣ дар ҳар давру замон вобаста ба шароити таърихӣ, вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ, дараҷаи тараққиёти илму техника меъёрҳои истифодашавандаи фонди луғавӣ ва таркиби луғавӣ доранд. Яке аз забонҳои қадимтарини дунё - забони тоҷикӣ аз ин қоида истисно нест. Дар Тоҷикистон ҳам меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ амал мекунанд.

Бояд хотирнишон кард, ки муаллифон ҳангоми иншои мақолаҳо бидуни зарурат аз луғатҳо, калимаҳои арабиасос ва иқтибосие истифода бурдаанд, ки равонӣ ва содагии ифодаҳоро халалдор месозанд. Маънии онҳо ба хонанда нофаҳмо мемонад. Ба монанди **лиҳозо** (*бинобар ин, ба ин сабаб*), **маод** (*зиндагии баъд аз марг*), **лоязол** (*лоямут, намиранда*), **тамҷид** (*мадҳ, ситоиш таъриф*), **яди байзо** (*дасти муъҷизаноки Мӯсои пайғамбар, равшанӣ, офтоб, муъҷиза, корнома, маҳорат, тавоноӣ*) **барозанда** (*шоиста, сазовор*), **тамоми ёр** (*тафсир ё тарҷумаи он дар луғат нест*), **разонат** (устуворӣ, пойдорӣ), **бардагӣ** (асирӣ, ғуломӣ, бандагӣ), **инҳитот** (*фуруд омадан, таназзул*), **муътазил** (*канорагир, гӯшанишин*), **каррот** (*дар луғат нест*), **биноан** (*бинобар ин*), **иҷмолан** (*таври хулоса*), **ливоа** (*ливо, парчам, байрақ*), **шикебоӣ** (сабр, таҳаммул), **маҷзуб** (*чазбкунанда*), **муаххар** (*таъхирнопазир*)ва даҳҳои дигар.

Вобаста ба ҳадафмандӣ ва таъйиноти маҷмӯа забон ва услуби баёни китоб ниёз ба таҳрир дорад.

Бузургтарин намунаҳои забони тоҷикӣ ва тарзи ифодаи маънихо ва мафҳумҳо дар осори безаволи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ,"Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ, асарҳои илмӣ ва адабии классикони адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва қудрату маҳорати маъниофаринии онҳо мавҷуданд.

Мақолаҳо, ки ҳамчун дастури таълимӣ таъйин шудаанд, чун қоида, бо саволҳо анҷом меёбанд. Бидуни шак, онҳо бояд имтиҳон кунанд, ки хонанда то кадом андоза мундариҷаи китоб ва мақсади таълифи онро дар доираи мавзӯъ ва ҳадафи мавод азхуд кардааст. Боиси таассуф аст, ки дар аксар ҳолат, саволҳо бачунин талабот ҷавобгӯ нестанд.

Ҳамзамон бо ин, дар китоб хатоҳои мантиқӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, орфографӣ, такрор истифода шудани як калима (*тавтология*), ҳатто дар доираи як ҷумла, зиёд ҷой доранд,ки аз овардани мисолҳо дар ин бора худдорӣ мекунем.

Қисмати зиёди мақолаҳои китоб ниёз ба таҳрири илмӣ доранд.

**Дунявият, назария ва методологияи таҳқиқ**

Китоби дарсӣ, адабиёти таълимӣ ва ҳама гуна таҳқиқот тибқи назарияи илмӣ, ба ибораи дигар, маҷмӯи идеяҳо ва ҷаҳонбиниҳо, ки зуҳуроти моддӣ ё маънавиро тафсир мекунанд, таълиф мешаванд. Таъкид бояд кард: **"Нисбат ба фарзия (гипотеза) назария гуфта, ҳамон чизеро меноманд, ки тавассути далелҳои илмӣ ё таҷриба ҳолат ва хулосаҳои он тасдиқ шудаанд"** (Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. - М.: -Наука,2003. -С.25).

**Неруи илм дар тавъам омадани диалектика ва ҷаҳони моддӣ аст.**

Тағйироти олами берунӣ чараёни беохири олами ҳастӣ мебошад. Он новобаста аз шуури инсон воқеият дорад. Одам – ягона мавҷудоти соҳибшуур қудрати бузурги дарк кардан, фаҳмидан, азхуд намудан ва дигаргун сохтани муҳитро, дар ҳар шакле, ки бошад, дорад. **Ва дар дунё зуҳуроте нест, ки зери таъсири собитқадамона, пайдарпай, бебокона ва мақсадноки илм чун муаммои сарбаста боқӣ монад.**

**Агар ба таълимоти илмӣ, фалсафӣ ва адабии абармардони миллати тоҷик дар ҳазорсолаи ахир нигоҳ кунем, дар ин "ҷаҳони ҳамеша гирдгардон" онҳо қудрати "аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ҳал кардани ҳамаи мушкилоти гетиро" воқеан, ба намоиш гузоштаанд ва ба ҷаҳониён эълон кардаанд. Ҳарчанд ки адабиёт ва фалсафаи муосири миллӣ вақтҳои охир каме сукут кардаанд, бокe нест. Ба хотири он ки мабодо "ҷаҳонро ба бад наспарем", аз он захираҳои бузурги илмиву маънавии гузаштагонамон набояд фосилагирӣ кунем.**

Ба ғайр аз назарияи илмӣ ***роҳ, усул ва воситаи*** расидан ба ҳақиқати илмӣ нақши муҳим дорад. Дар ин самт омӯхтан, азхуд кардан ва интихоб намудани ***методҳое,*** ки муносибати субъекти таҳқиқотро ба объекти таҳқиқот муайян мекунанд, муҳимманд.

Ба назари мо, ҳангоми таҳқиқи ҷаҳонбинии дунявӣ методҳои таърихиву генетикӣ, таърихиву муқоисавӣ, таърихиву типологӣ, системавию сохторӣ, системавию функсионалӣ, омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ ва далелҳои таърихӣ тавъам бо дигар методҳои таҳқиқот масири расидан ба мақсади таълифотро муайян месозанд.

**Оид ба сарчашмаҳои афкори дунявият**

Нютон таъкид карда буд: **"Агар мо аз дигарон дуртар дида бошем, сабаб он аст, ки дар китфони дигарҳо истодаем".** Ин суханҳо чун ибрози эътиқод, эътироф ва миннатдорӣ аз мутафаккирони гузашта ва ҳамзамон бо ин, ҳидоят ва маслиҳат барои ояндагон аст.

Китобҳои дарсӣ дар маҷмӯи таълифот дар соҳаи илму маориф муҳимтарин, арзишмандтарин мавод барои сохтани ҷаҳонбинӣ, тарбияи инсон, эъмори давлат ва давлатдории миллӣ ҳастанд, зеро маҳз ҳамин **"китоб чашму гӯши одамро мекушояд, гигиенаи ҷисмонӣ ва рӯҳиву ақлонии инсонро таъмин мекунад, ҷаҳонбинии як одамро ба ҷаҳонбинии инсоният мепайвандад ва баръакс, донистан лозим аст, ки агар мардум содалавҳ монад, онро наздикӣ ба бахр ҳам наҷот намебахшад"** (Рузвелт).

Адабиёти таълимӣ ва тарбиявӣ мисли фарҳанг (*луғат*) донишҳоеро, ки айни замон дар сатҳи илми миллӣ ва дунё ба барномаи мактабу донишгоҳ мувофиқ меоянд, дар бар мегирад. Ва ҳар сол, агар зарур бошад, ба онҳо тағйироти муайян ворид карда мешавад. Ба ақидаи мо, китоби дарсӣ ягона маводи илмӣ ҳаст, ки ҷавҳари дастовардҳо ва донишҳои соҳавиро вобаста ба объект ва предмети мавзӯъ аз адабиёти дастрас дар он ҷамъ, ба таркиби луғавӣ ва мантиқи объект ва предмети мавод мувофиқ карда, пешкаши хонанда мегардонанд. Дар ин маврид, тибқи маъмул, ягон кас кӯшиши даъвои рӯнависиро намекунад.

Навиштани китоби дарсӣ дар илму маорифи тоҷик анъанаҳои таърихӣ дорад. То инқилоб ва замони шӯравӣ танҳо бузургтарин олимон ҷуръати навиштани китобҳои дарсиро кардаанд. Давлат ҳам ба онҳо эътимод бахшидааст. Аз онҳо қаноатманд будааст. **Ин нобиғагони илм ба насли ҳафт даҳсолаи он замон ҳаққи устодӣ доранд. Шогирдон ҳам бо муаллифони китобҳое, ки аз онҳо илм омӯхтаанд, ифтихор мекунанд: Абдулқодири Шакурӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуррауфи Фитрат, Сайид Ризо Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Соҳиб Табаров, Раҳими Мусулмониён, Ҳилол Карим, Воҳид Асрорӣ, Ҳамид Бакозода, Додоҷон Тоҷиев, Носирҷон Маъсумӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Юрий Бобоев, Аълохон Афсаҳзод, Шарофиддин Рустамов ва дигарон.**

**Меҳру муҳаббатро ба илму дониш тавассути сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва адабиёти классикӣ маҳз ҳамин донишмандон ва ҳамсафони онон ба миллионҳо наврасон ва ҷавонон омӯхтаанд. Дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро бедор кардаанд. Аз шаш Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба таълифи китобҳои дарсӣ шуғл варзидаанд.**

**Мо муътақид ҳастем, ки китобҳои дарсии дар соҳаҳои забони модарӣ, сарфу наҳв ва адабиёти тоҷик навиштаи олимони замони шӯравӣ метавонанд бо коркард ва нигоҳи интиқодӣ - тағйири мисол, вазъи сиёсии замон, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмиву методӣ ва услуби истифодаи захираҳои забони модарӣ истифода шаванд.**

Олимоне, ки дар асоси риояи маҷмӯи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ ба унвони баланди муаллифи китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ сазовор мешаванд, бояд манзалати "Устоди миллионҳо"- ро дар хотир дошта бошанд.

**Зеро давлат ба дӯши ононе, ки китоби дарсӣ менависанд, бузургтарин масъулиятро мегузорад. Ҳамзамон бо ин, муаллифони китоби дарсӣ ононе ҳастанд, ки ин масъулиятро дар назди давлат, миллат ва ояндаи он дарк мекунанд.**

**Мо чунин мешуморем, ки ҷаҳонбинии миллионҳо аз қалами ин шахсиятҳо вобастагӣ дорад.**

**Хулоса**

Дар маҷмӯъ, мафҳум ва тафаккури дунявӣ дар фарҳанги мо бо дарки илмии истилоҳоти "миллат", "тоҷик", "тоҷикият", "давлати миллӣ", "манфиатҳои миллӣ", "хештаншиносӣ", "худшиносии миллӣ", "истиқлоли миллӣ"ва"ҷаҳонбинии илмӣ" ҳамсанг аст.

Ҳамзамон бо ин, мафҳуми"афкори дунявӣ" барои мардуми олам, аз ҷумла тоҷикон сухани нав нест. Ҳамқадам ба ҳамсинну соли Homo Sapiens аст. Ҳанӯз аз аввалин эълонияи эҳсоси эътиқод ва эътирофи **"дониш андар дил чароғи равшан будан"**, кӯшиши **"бардоштани ин фалакро зи миён ва сохтани дунёи нав ба мақсади осон ба коми дил расидан", "ҷаҳонро сақф бишкофтану тарҳи нав андохтан"** шакли расмӣ гирифтааст. Ҳанӯз аз замоне, ки табақаи пешқадами миллат - зиёиён барои истиқлол ва ҳувияти забонӣ, фарҳангӣ, анъана ва расму русуми худ мубориза оғоз намудаанд.

**Ҳамин тариқ, дар доираи мантиқи таърихии илм, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик мафҳуми дунявӣ вуҷуд дошт. Дар акси ҳол, мо аввалан тоҷик, баъдан миллат ва ахиран соҳиби давлати мустақил намебудем. Ба даврони хотирҷамъиву осудагӣ ва суботу озодагӣ намерасидем.**

Эътиқод, таассуб, хурофот ҳам махсул ва ҳамқадами таърихи инсоният мебошанд. Онҳо ҳам мисли дунявият шакли ҷаҳонбиниианд. Мантиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ доранд. Барои ҳамаи миллатҳо чунин тақдир ҳамроҳ будааст.

Аммо сухан дар бораи таносубҳо, яъне ***ақаллият*** ва ***аксарият*** меравад. Миллатҳое, ки илму дониш фарогири аксарияти онҳо шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. Натанҳо истифодаи захираҳои табиии оламро ба манфиати худ ба роҳ монданд, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардониданд.

Ва баръакс, дар ҷое, ки хурофот ва таассуб аксариятро фарогир шуд, зиёиён дар ақаллият монд. Сарзамин бо мардумони содаву гумроҳу нодонбачаҳои худбзорӣ арзони бозиҳои аҷнабиён гардид. Омилони геополитикӣ бо суиистифода аз дину мазҳаб ва хурофоту таассуб эҳсоси худшиносӣ ва хештаншиносии миллии пайравони исломро беҳис (анестезия) карданд.Ба ҷойи он, дар майнаи мусулмонон тухми ҷаҳонбинии "ал – Қоида", "Давлати исломӣ", "Ансоруллоҳ", "ҳизби наҳзати исломӣ"ва дигарҳоро кориданд.Акнун онҳоро ҳамчун лашкари муфту ройгон барои манфиатҳои худ истифода мекунанд.

Ин ҷо сухани Волтер (Франсуа Мари Аруэ, 1694 – 1778) ба хотир меояд, ки гуфтааст: **"Одамони бечора! Чӣ садсолаҳо лозим шуд, ки каме ақл пайдо кунед!".**

**Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон, ки зиёда аз навад дар сади мардум мусулмонанд, ду роҳ вуҷуд дорад. Ё бо пайравӣ аз илми дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқ шуда мамлакати хешро ободу, якпорчагӣ ва оромиву озодагии онро таъмин мекунем, ё зери таъсири хурофоту таассуб озодӣ, рушду тараққӣ ва сулҳу суботи давлати миллии худрозери суол мебарем. Роҳи сеюм вуҷуд надорад!**

**Пайравони роҳи якум ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, дигар бузургони миллат, зиёиёни миллӣ ва худи мардум ҳастанд. Рӯҳи зиёӣ тавъам бо неруи мардумӣ ва худшиносии миллӣ бузургтар, қавитар аз ҳамаанд!**

Таърихан ва ҳоло низ дар пушти ҷонибдорони роҳи дуюмқудратҳои геополитикӣ бо барнома ва пулу мол истодаанд. Ба онҳо бояд бо чашми хирад нигарист, шинохт ва манфиатҳои давлати миллиро ҳимоя кард.

Умед аст, ки зиёиён (*шахсони огоҳ аз илму фарҳанг, равшанфикр, бо маданияту соҳибмаърифат*) бо мувофиқ кунонидани донишу малака ба талаботи рӯз ва мукаммал гардонидани пажӯҳишҳои худ, аз ҷумла, дар доираи китоби мазкур, дастрас намудани он ба омма барои пойдории давлати миллӣ саҳми муассир хоҳанд гузошт.

Ин натиҷагирӣ аз таъкиди дар таҷрибаи таърих тасдиқгардидаи Аристотел бармеояд, ки гуфта буд: **"Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ ҷавобгӯ бошад;сифати инсонии мувофиқ ба ҳар як сохти давлатдорӣ, ба тарзи одӣ, барои ҳифзи ҳамин сохт хизмат мекунад ва пеш аз ҳама сабаби пайдоиши он мегардад"**(Аристотель. Политика. - М.: РИПОЛ классик,2010. - С.535).

*С. ЯТИМОВ,*
*профессор*

*Бознашр аз маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", №1 (28), соли 2022*

**Дар шаҳри Кӯлоб бо мақсади рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълим машварат доир гардид.**

ШИНОСОӢ

# Боздиди муовини Сарвазир



2-юми апрели соли ҷорӣ муовини Сарвазири мамлакат Усмоналӣ Усмонзода аз рафти корҳои сохтмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии аз ҷониби Федератсияи Россия дар шаҳри Душанбе сохташаванда дидан намуд.

Бояд гуфт, ки дар доираи амалигардонии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии модулию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки таҳсилашон бо забони русӣ ба роҳ монда мешавад, сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1224 ҷойи нишаст дар як баст идома дорад.

Зимни боздид, муовини Сарвазири кишвар ба сифати корҳои сохтмонӣ таваҷҷуҳ намуда, бо масъулин ва сохтмончиёни иншооти мазкур суҳбат анҷом дод. Иттилоъ дода шуд, ки дар иншоот корҳои сохтмонӣ бомаром идома дошта, тибқи нақшаи пешакӣ муассисаи таълимӣ соли равон мавриди истифода қарор дода хоҳад шуд.

Ҳамчунин, Усмоналӣ Усмонзода ба масъулин ва сохтмончиён ҷиҳати бо сифати баланд ва дар мӯҳлати муқарраршуда анҷом додани корҳои сохтмонӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

МАШВАРАТ

# Ҷаласаи ситоди ҷумҳуриявӣ

2-юми апрели соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини Сарвазири кишвар Усмоналӣ Усмонзода ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии модулию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки таҳсилашон бо забони русӣ ба роҳ монда мешавад, баргузор гардид. Дар ҷаласаи мазкур сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, Бонки рушди Авруосиё, «Зарубеждипстрой», «БалтСтройИнжиниринг» ва пудратчиён иштирок намуданд.

Дар ҷаласа нахуст намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва пудратчиён вобаста ба рафти корҳои сохтмонӣ, аз ҷумла вазъияти кунуӣ-ҳаҷми корҳои иҷрошуда, корҳои боқимонда, мӯҳлати анҷом додани



корҳои монолитӣ ва хиштсозӣ, рафти корҳо дар сатҳи ҷорӣ намудани сетҳои берунии маҳаллӣ дар ҳудуди қитъаҳои замин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода ҳисобот доданд.

Сипас, аз ҷониби иштирокдорон қадамҳои баъдӣ дар самти иҷрои сариваҳтии корҳои сохтмонӣ пешниҳод гардида, мутаносибан ба онҳо мӯҳлатҳои ниҳоӣ оид ба иҷрои корҳо муқаррар карда шуд.

Дар охир аз ҷониби муовини Сарвазири мамлакат ба масъулин-намояндагони вазорату идораҳо ва пудратчиён ҷиҳати бо сифати баланд ва дар мӯҳлати муқарраршуда анҷом додани корҳои сохтмонӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, ҳамзамон, Вазорати маориф ва илм вазифадор гардид, ки рафти иҷрои дастуру супоришҳои зикршударо зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

ОНЛАЙН-КОНФЕРЕНСИЯ

# Мулоқоти судманд

Ҳафтаи гузашта онлайн-конференсия байни сохторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин доир ба бунёди аввалин «Устохонаи ба номи Лу Бан» дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии мардумии Чин, ректори ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ ва аз ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин



намояндагони Вазорати маориф ва илм, Вазорати корҳои хориҷӣ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Ҳукумати мардумӣ, роҳбарияти сохторҳои котибот ва Ҳукумати мардумии шаҳри Тянҷин ва роҳбарияти Донишгоҳи касбӣ-техникии идораи шаҳрсозии Тянҷин иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҷонибҳо аз сатҳи баланди ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм, мубодилаи академӣ ва таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҷ. Ҷӯразода – муовини якуми вазири маориф ва илм, зимни суханронии хеш ибрози дошт, ки ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин дар асоси Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм аз 15 январи соли 2007 ба роҳ монда, барои инкишофи ҳамкории соҳавӣ заминаи хеле мустаҳками ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Мисоли равшани гуфтаҳо ин имзо шудани шартномаи ҳамкорӣ дар бораи бунёд намудани "Устохонаи ба номи Лу Бан" миёни Донишгоҳи касбӣ-техникии идораи шаҳрсозии Тянҷини Ҷумҳурии мардумии Чин ва ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ мебошад. Он ҳамчун як платформаи табодули афкор ва ҳамкории Тоҷикистону Чин дар соҳаи маориф ва пешгузаштаи ислоҳот ва навоварӣ дар соҳаи таҳсилоти касбии техникӣ фаъолият хоҳад кард, - зикр кард муовини якуми вазир.

Инчунин, дар рафти мулоқот ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки барои баррасӣ кардани масъалаҳои корӣ вобаста ба бунёди «Устохонаи ба номи Лу Бан» гурӯҳҳои махсуси корӣ таъсис медиҳанд.

Бояд гуфт, ки Лу Бан дуредгар, бинокор, меъмор ва тибқи ривоят ихтироъкори бисёре аз асбобу олотҳои ибтидоӣ, ки то имрӯз истифода мешаванд, мебошад ва имрӯз ҳамчун рамзи мустаҳками муносибати Тоҷикистону Чин гардидааст.

РУШДИ ҲАМКОРӢ

# Баррасии нострификатсияи дипломҳо

Маҷмуи васеи масоили рушд ва таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм дар мулоқоти Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо вазири таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуқодир Тошқулов дар Тошканд баррасӣ гардид.



Мусоҳибон масъалаҳои нострификатсияи дипломҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таъсиси бахши забони тоҷикӣ дар факултети забони ӯзбекии Донишгоҳи давлатии вилояти Бухоро ва таъсиси факултаҳою филиалҳои донишгоҳ ва донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва баръакс, филиалҳою факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима намуданд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо масъалаи баргузор кардани Шурои ректорон ва вохӯрии донишҷӯёни ҳар ду кишварро дар як вақт ба хотири омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар муфид шумориданд.

ВОХӮРӢ

# Сухан аз волоияти қонун

Дар толори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев вохӯрии сардори раёсати ВКД дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон генерал – лейтенанти милитсия Назарзода Шариф Раҳмон бо устодон ва донишҷӯёни ин боргоҳи таълимӣ баргузор гардид.

Мавсуф қайд кард, ки Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони соҳибкасбу лаёқатманди замон дар кишвар мақоми хоса кашф кардааст.

Вай афзуд, ки айни замон ҷаҳон дар вазъи хатарбор қарор дорад ва ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан ҷавононро зарур аст, ки ҳушёру зирак бошанд. Ш. Назарзода барои тасдиқи амалҳои ношоистаи баъзе ҷавонон мисолҳои раднашаванда овард, аз боби зарурияти ҳамкории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷавонон, бахусус, донишҷӯён ибрози назар кард. Ӯ, ҳамчунин, аз хусуси дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят таъмин намудани волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, давлатӣ, муқаддасоти кишвар, дахлнопазирӣ дар марз, риояи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" сухан гуфт.

Дар доираи вохӯрӣ ба як гурӯҳ устодон ва донишҷӯён барои фаъолияти хубу густурда ва таҳсили намунавӣ аз ҷониби раёсати ВКД дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ифтихорномаҳо тақдим гардид.

**Ҷ. ҚОЗИБЕКОВ,**
***«Омӯзгор»***

Дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳои Роғун, Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод дар соли 2023 муаррифӣ шуд.

*Асрор ниҳон доштан оини киром аст.*
*Ибни Ямин*

«Омӯзгор»
№ 14, 7 апрели
соли 2022

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ**

# Дастоварди довталабон дар олимпиадаҳои фаннӣ

***2-юми апрели соли ҷорӣ дар Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардид, ки дар маросими кушодашавии он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Савзалӣ Ҷаъфарзода, директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Тоҷинисо Маҳмадова, намояндагони раёсату шуъбаҳои маориф, омӯзгорону волидон ва хонандагон иштирок намуданд.***




Нахуст Ҷ. Ҷӯразода – муовини якуми вазири маориф ва илм зимни суханронии хеш иброз дошт, ки пешрафти ҳар як давлат аз захираҳои зеҳнӣ ва рушди тафаккури сокинони кишвар сахт вобастагӣ дошта, айни замон илмҳои дақиқ, тафаккури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омили пешбарандаи иқтисодиёт ва оянлдаи ҷомеа табдил ёфтааст.

-Имрӯз даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дар соли 2022 оғоз гардид, ки он то моҳи июни соли ҷорӣ идома меёбад. Бояд гуфт, ки дар асоси фармоиши вазири маориф ва



илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2022, №370 аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои табиӣ–риёзӣ, аз ҷумла, олимпиада фанни физика (астрономия) ба номи Абурайҳони Берунӣ, олимпиада аз фанни математика ба номи Умари Хайём, олимпиада аз фанни биология ба номи Абуалӣ ибни Сино, олимпиада аз фанни химия ба номи Закариёи Розӣ ва олимпиада аз фанни география ба номи Носири Хусрав баргузор мегардад. Дар олимпиадаҳои мазкур 536 нафар хонанда аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ, 296 нафар хонанда ва аз мактабҳои типи нав (мактабҳои Президентӣ, литсей ва гимназияҳо), 240 нафар хонанда иштирок менамоянд, - қайд кард муовини якуми вазири маориф ва илм.

С. Ҷаъфарзода - директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки ғолибони олимпиадаи мазкур соҳиби имтиёзҳои махсус мегарданд, яъне дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба натиҷаи имтиҳонҳои онҳо, вобаста ба сатҳи ғолибияташон дар олимпиада аз 50 то 100 балл илова карда мешавад. Ин имтиёзи калон, бешак, барои дохил шудани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии дилхоҳашон кумаки зиёд хоҳад кард, - зикр кард номбурда.

Сипас, директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Тоҷинисо Маҳмадова хонандагонро бо шартҳо ва тартиби баргузории олимпиада шинос намуд.

Хонандагон вобаста ба фанҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, давоми рӯз донишу маҳорати худро нишон медиҳанд.

Танҳо соли таҳсили 2020-2021 дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ 4243 нафар хонандаи болаёқати муассисаҳои таҳсилоти умумӣ иштирок намуданд, ки дар қиёс ба соли 2014 3400 нафар ва соли 2019 1873 нафар зиёд мебошад. Аз шумораи умумии иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дар соли 2021 1842 нафар хонанда сазовори ҷойҳои ифтихорӣ (284 медали тилло, 532 медали нуқра ва 1026 медали биринҷӣ) гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2014 1567 ҷойи ифтихорӣ ва соли 2019 1188 ҷойи ифтихорӣ зиёд мебошад.

4-уми апрели соли ҷорӣ дар Кохи “Суруш” маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ доир гардид, ки дар он вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода иштирок намуд.

Дар оғози чорабинӣ Р. Саидзода-вазири маориф ва илм, иброз дошт, ки дар робита ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 31.01.2020, №1445 дар бораи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 11 намуди олимпиада аз фанҳои табиӣ –риёзӣ баргузор карда мешавад.

- Дар баробари олимпиадаҳои мазкур 13 олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ роҳандозӣ мегарданд, ки барои фарогирии шумораи ҳарчи бештари хонандагони боистеъдод ба ҳаракати олимпӣ мусоидат мекунанд. Агар то соли 2010 дар ҷумҳурӣ як олимпиадаи фаннӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 11) гузаронида мешуд, айни замон 24 намуди олимпиада барои зинаҳои дуюм ва сеюми таҳсилот, аз ҷумла, синфҳои 5-6, 7-8, 9-10 ва 11 дар алоҳидагӣ олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баргузор карда мешаванд,-қайд кард вазири маориф ва илм.

Натиҷаи олимпиада нишон дод, ки аз 533 иштирокчии олимпиадаҳои фаннӣ, 192 хонанда соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ (28 медали тилло, 52 медали нуқра, 112 медали биринҷӣ) гардиданд.

Дар ҷамъбасти олимпиадаҳои мазкур хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе сазовори 72 ҷойи ифтихорӣ (16 ҷойи якум, 28 ҷойи дуюм, 28 ҷойи сеюм) мақоми якум, вилояти Суғд сазовори 56 ҷойи ифтихорӣ (6 ҷойи якум, 19 ҷойи дуюм, 31 ҷойи сеюм) мақоми дуюм ва вилояти Хатлон сазовори 37 ҷойи ифтихорӣ (4 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 31 ҷойи сеюм) мақоми сеюм гардида, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сазовори 24 ҷойи ифтихорӣ (2 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм, 19 ҷойи сеюм) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сазовори 3 ҷойи ифтихорӣ (3 ҷойи сеюм) гардиданд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ғолибони даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ медалҳо, “Ифтихорнома”-ҳои Вазорати маориф ва илми




Ҷумҳурии Тоҷикистон ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд. Ҳамчунин, омӯзгороне, ки дар ҳаракати олимпӣ ва омода кардани хонандагон ба ин олимпиада саҳм доштанд, бо “Ифтихорнома”-и Вазорати маориф ва илм қадрдонӣ шуданд.

Ёдовар мешавем, ки ноҳияи Сино бо гирифтани 31 ҷойи ифтихорӣ (7 ҷойи якум, 11 ҷойи дуюм, 13 ҷойи сеюм) сазовори ҷойи аввал, ноҳияи Шоҳмансур бо гирифтани 15 ҷой (3 ҷойи якум, 8 ҷойи дуюм, 4 ҷойи сеюм), ноҳияи Фирдавсӣ бо гирифтани 15 ҷой (3 ҷойи якум, 5 ҷойи дуюм, 7 ҷойи сеюм) сазовори ҷойи дуюм ва шаҳри Ҳисор бо гирифтани 13 ҷой (2 ҷойи якум, 1 ҷойи дуюм, 10 ҷойи сеюм) сазовори ҷойи сеюм гардида, сегонаи беҳтарин шаҳру ноҳияҳо дар олимпиадаҳои мазкур дониста шуданд.

Филиали литсей-интернати тоҷикӣ-русии “Ҳотам ва ПВ” дар шаҳри Ҳисор бо гирифтани 8 ҷой (2 ҷойи якум, 1 ҷойи дуюм, 5 ҷойи сеюм) мақоми якум, литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе бо гирифтани 6 ҷойи ифтихорӣ (2 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм), мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғара 6 ҷой (1 ҷойи дуюм, 5 ҷойи сеюм), литсейи № 2 -и шаҳри Душанбе 6 ҷой (1 ҷойи дуюм, 5 ҷойи сеюм) мақоми дуюм, литсейи № 1 -и шаҳри Исфара 5 ҷой (1 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм), литсейи физикӣ -математикии №1-и шаҳри Хуҷанд 5 ҷой (5 ҷойи сеюм) мақоми сеюмро соҳиб гардида, беҳтарин муассисаҳои таълимӣ дониста шуданд.

Ҳамзамон, шаҳру ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Исфара, Ҳисор, Исмоили Сомонӣ, Данғара, Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров ва Конибодом дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даҳгонаи аввал дохил гардиданд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ғолибияти хонанадагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нисбат ба хонандагони мактабҳои типи нав (мактабҳои Президентӣ, литсей ва гимназияҳо) зиёд мебошад.

Ногуфта намонад, ба хонандагоне, ки дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ ғолиб омаданд, барои ҷойи якум 100 хол, барои ҷойи дуюм 75 хол ва барои ҷойи сеюм 50 хол муқаррар гардидааст, ки ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба холҳои ба дастовардаи онҳо илова мегардад.

***Бахтовар САФАРОВ,***
***корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

**Дар доираи Форуми минтақавии соҳибкорони ватанӣ беш аз даҳ санади нави ҳамкорӣ имзо гардид.**

*Пайи тақлид рафтан аз кӯрист.*

*Ҳикмат*

НИГАРОНӢ

# Як бому чанд ҳаво

***Иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», ки ҳадафи асосии он рушди низоми технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф мебошад, дар шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб қонеъкунанда намебошад.***

Тӯли солҳои 2018-2021 муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 15633 адад компютер харидорӣ намуданд, ки ин иҷрои нақшаро 41% таъмин намуд. Бояд қайд кард, ки теъдоди хонандагон сол то сол меафзояд. Бинобар ин, зарурати сохта ба истифода додани муассисаҳои нави таълимӣ ба миён омада, зиёд намудани шумораи синфхонаҳои мебошад. Мушкилоти асосӣ, нарасидани омӯзгорони соҳибкасб, кам будани кабинетҳои технологияи иттилоотӣ ва набудани маблағи зарурӣ барои харидорӣ намудани компютерҳо мебошад.

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ 8537 хонандаи синфҳои 5-11 фаро гирифта шудаанд, ки ба онҳо 64 нафар омӯзгори соҳибтахассус таълим медиҳанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 27 кабинети технологияи иттилоотӣ фаъолият дорад.Муассисаҳои таълимии ноҳия то имрӯз бо 1548 адад компютер, 303 адад принтер, 31 адад тахтаи электронӣ ва 39 адад видеопроектор таъмин мебошанд. Тибқи нақшаи иҷрои барномаи мазкур, дар солҳои 2018-2021 дар муассисаҳои таълимии ноҳия аз 664 адад компютер, 412 (62,2%) адад ва аз 36 адад тахтаи электронӣ, 31 (86,1%) адад харидорӣ шудааст. Дар ноҳия Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия дар назди шуъбаи маориф бо 7 воҳиди корӣ фаъолият мекунад, ки бо бинои алоҳида ва мустақилияти молиявӣ таъмин мебошад. Соли 2021 аз тарафи



компютерӣ ва хариди компютерҳо ба миён меояд. Муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб то имрӯз бо 2131 (35%) адад компютер ва бо 243 (63%) адад тахтаи электронӣ таъмин шудаанд. Иҷрои барнома дар шаҳри Кӯлоб 424 (32%) адад компютер, тахтаи электронӣ 69 (164%) адад , Муъминобод 40 (8%) адад компютер, тахтаи электронӣ 8 (21%) адад, Ховалинг 76 (29%) адад компютер, тахтаи электронӣ 9 (41%) адад, Восеъ 213 (18%) адад, тахтаи электронӣ 23 (44%) адад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 162 (24%) адад компютер, таҳтаи электронӣ 17 (47%) адад, Фархор 129 (18%) адад, тахтаи электронӣ 24 (47%) адад, Данғара 548 (71%) адад компютер, тахтаи электронӣ 57 (92%) адад, Ш. Шоҳин 210 (63%) адад компютер, тахтаи электронӣ 10 (31%) адад, Темурмалик 151 (88%) адад компютер, тахтаи электронӣ 20 (53%)адад ва Балҷувон 178 (75%) адад компютер, таҳтаи электронӣ 6 (43%) харидорӣ шудааст. Айни замон муассисаҳои таълимии шаҳр ба 1960 адад компютер, 294 адад принтер, 14 адад сканер, 107 адад тахтаи электронӣ, 134 адад видеопроектор ва 5 адад тахтаи электронии сайёр муҷаҳҳаз мебошанд. Дар давоми соли таҳсили 2018-2021 105 адад компютер аз таъмир бароварда шуда, 231 адад компютер таъмирталаб боқӣ мондааст.Бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои таълимии ноҳия 38 адад кабинети технологияи иттилоотӣ бо 205 мизу курсии махсус муҷаҳҳаз буда, 50 нафар омӯзгори технологияи иттилоотӣ (бо таҳсилоти олӣ 37 нафар, бо таҳсилоти миёнаи касбӣ 13 нафар) ба таълиму тарбия машғул мебошанд. Дар шаҳр Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маориф бо 10 воҳиди корӣ дар бинои иҷоравӣ фаъолият мекунанд, ки бо мустақилияти молиявӣ таъмин кормандони марказ 45 нафар омӯзгори муассисаҳои таълимӣ аз курси бозомӯзӣ гузаштаанд. Ҳамзамон, 625 адад компютер аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, 36 нафар хонандаи муассисаи таълимии ноҳия дар озмуни вилоятӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ иштироки фаъолона намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.Нарасидани омӯзгорони ихтисосманд дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба мушоҳида мерасад. Боиси нигаронист, ки ҷиҳати татбиқи қарори мазкур аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ягон маблағ барои муассисаҳои таълимии шаҳраку деҳоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷудо нашудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Муъминобод харидории 238 адад компютер ва 17 адад тахтаи электронӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар давоми чор соли охир 40 компютер ва 8 тахтаи электронӣ харидорӣ шудааст. Аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ Назрулло Аброров бо маблағи 15000 сомонӣ, Саидаброр Ҷаъфаров ба маблағи 32000 сомонӣ ба муассисаи таълимии №12 1 адад тахтаи электронӣ, 8 адад компютер ва 1 видеопроектор харидорӣ шудааст. Ҳамзамон, як соҳибкори маҳаллӣ ба муассисаи таълимии №50 24 адад компютер туҳфа намудааст. Бояд қайд кард, ки нарасидани воситаҳои аёнӣ ва техникӣ ба сабаби ҷудо нашудани маблағ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ноҳия дар қисми зиёди муассисаҳои таълимии ноҳия дида мешавад. Дар ноҳия Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маорифи ноҳия бо 9 воҳиди корӣ фаъолият мекунад, ки бо мустақилияти молиявӣ таъмин мебошад.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

РЕЗААХБОР

## Таъмири 96 адад компютери корношоям

Тибқи иттилои Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маорифи шаҳри Норак, баҳри амалишавии “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2022”, дар муассисаҳои таълимии шаҳр аз рӯи нақшаи пешбинигардида компютер ва дигар таҷҳизоти техникӣ таъмир карда шуд.

Бахусус, аз рӯйи нақша, тибқи талабот дар шаҳри Норак тайи 4 соли охир аз 96 адад компютер 84 адад (87%), аз 19 адад тахтаи электронӣ 17 адад (89%) ва проектор харидорӣ ва ба 10 муассисаи таълимӣ интиқол дода шудааст.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳр то моҳи марти соли 2022 8 ҳазору 998 нафар хонандаи синфҳои 5-11 ба омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои таълимӣ 623 адад компютер мавҷуд аст, ки 37 ададашро ноутбукҳо ташкил медиҳад. Ҳамзамон, муассисаҳои таълимӣ бо 124 адад принтер, 30 адад тахтаи электронӣ, 51 адад проектор, 16 адад генератор ва 80 адад дастгоҳи лингофонӣ (дар 5 кабинети таълимӣ) таъмин мебошанд.

Устоҳои марказ 96 адад компютери вайроншудаи муассисаҳои таълимиро таъмир карда, ба истифода мутобиқ намудаанд.

## Баргузории маҳфили “Русское слово”

Баҳри ҳавасмандгардонии насли наврас, инчунин, ҷалб намудани онҳо барои азхудкунии забонҳои хориҷӣ дар муассисаи таълимии №13-и шаҳри Левакант маҳфили кушод бо забони русӣ бо номи “Русское слова” баргузор гардид. Дар ин маҳфил хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо роҳбарии муаллима С. Эшова иштирок намуда, маҳорат ва дониши худро дар назди дигар иштирокдорон нишон доданд.

Маҳфилҳои мазкур дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баргузории ин маҳфил, баробари омӯзгорону хонандагон, волидони толибилмон низ ширкат карда, ҳунарнамоӣ ва баромади фарзандонашонро бо забонҳои хориҷӣ тамошо ва баҳогузорӣ карданд.

## Тахти Сангин дар феҳристи ЮНЕСКО



Вобаста ба таҷлили 2500 – солагии ёдгории шаҳристони “Тахти Сангин”-и ноҳияи Қубодиён, ки ба рӯйхати ҷашнҳо аз тарафи ЮНЕСКО ворид гардидааст, гурӯҳи корӣ бо роҳбарии сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода аз ёдгории таърихии мазкур дидан намуда, бори дигар бо таъриху пайдоиши ин ёдгории таърихӣ шинос гардиданд.

Ёдовар бояд гардид, ки кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба ЮНЕСКО пешниҳод намуданд, ки 2500 – солагии ёдгории Шаҳристони “Тахти Сангин” – и ноҳияи Қубодиёнро ба рӯйхати ҷашнҳо ва бузургдоштҳое, ки созмон солҳои 2022 – 2023 дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил мекунад, ворид намояд.

Шаҳристони “Тахти Сангин” ёдгории нодири асрҳои lV то милод ва III милодӣ буда, дар баробари Қалъаи Ҳисор, дайри буддоии Аҷинатеппа, мадрасаи Хоҷа Машҳад ва шаҳри Ҳулбук барои ворид шудан ба Феҳристи ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО пешниҳод шуд.

## Роҳҳои тақвият бахшидани соҳа

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, ҷалб ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон, дастгирии мутахассисони лаёқатманд, беҳтар ба роҳ мондани ҳамкории падару модарон бо муассисаи таълимӣ дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ вохӯрӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода, раиси ноҳияи мазкур Ҷамшед Шарифзода, фаъолон ва кормандони соҳаи маорифи ноҳия иштирок доштанд.

Раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода оид ба шароиту имкониятҳо дар соҳаи маорифи ноҳия, дастгирии кадрҳои лаёқатманд, беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, ҳавасманд ва ҷалб намудани падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва муҳайё намудани шароити корӣ изҳори назар намуд.

Мавсуф зикр намуд, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ба рушди соҳаи маориф ва пешрафти омӯзгорону хонандагон диққати аввалиндараҷа медиҳад. Ин аст, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо иштирок дар олимпиадаву озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ишғоли ҷойҳои намоён пешсаф мебошанд.

Сипас, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода аз таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф ёдовар шуда, қайд намуд, ки кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлонро зарур аст, ки бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар самти амалӣ намудани таъкидҳои Роҳбари давлат ва ислоҳи камбудию норасоиҳои соҳавӣ тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд.

Дар қисмати охири вохӯрӣ ба як қатор фаъолони соҳаи маорифи ноҳияи Восеъ сипосномаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ва раёсати маорифи вилояти Хатлон тақдим гардид.

***С.АЗИЗӢ,***
***“Омӯзгор”***

1 апрели соли равон дар Тоҷикистон Телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ифтитоҳ ёфт.

Оқилро ҳеҷ зарару саҳв чун теғи ҳаво нест.
«Калила ва Димна»

«Омӯзгор»
№ 14, 7 апрели
соли 2022

НАЗОРАТ

# Масъулият бояд ҷиддӣ бошад

***Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.***

Бинобар сабаби аҳамияти муҳим доштани Қонуни номбурда, дар ин самт Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 8 феврали соли 2017, №835 ба тасвиб расид.

Бо дарназардоши дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фармону супоришҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳо андешида шудааст.

Аз ҷумла, соли 2021 вобаста ба шарҳу фаҳмондадиҳии мазмуну муҳтавои қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти прокуратура дар маҷмӯъ 2204 вохӯриву суҳбатҳо баргузор гардид.

Новобаста аз чораҳои андешидашудаи масъулин дар ин самт, ҳанӯз ҳам камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд. Дар аксари мавридҳо иҷрои Нақша - чорабиниҳо оид ба гузаронидани суҳбату вохӯриҳо хусусияти қолабӣ дошта, иҷрои бандҳои нақшаҳои корӣ саривақт ва пурра таъмин нагардидаанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 2-и фармони болозикр дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ бояд комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии қонуни номбурда таъсис дода шаванд. Инчунин, тибқи талаботи бандҳои 6, 7 ва 8-и Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки бо қарори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 19 июли соли 2017, №5 тасдиқ гардидааст, комиссияҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуда, Низомнома ва ҳайати онҳо тасдиқ карда мешавад. Шумораи умумии аъзои комиссияи ҷамъиятӣ набояд аз 7 нафар кам бошад. Ҳамзамон, ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ раис, муовини раис, котиби масъул ва дигар аъзои комиссия дохил мешаванд, ки онҳо дар фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ мувазздафанд. Муайян гардид, ки талаботи мазкур дар баъзе муассисаҳои таълимӣ риоя нашуда, чунин комиссияҳо умуман таъсис дода нашудааст, ё ин ки бо вайронкунии талаботи Низомнома бо шумораи аз 7 нафар кам ва бе пешбинӣ кардани муовини раиси комиссия ва котиби он таъсис дода шуда, фармоишҳо бо қарори мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда намешаванд.

Мутобиқи талаботи банди 3-и фармон ва банди 15-и низомномаи болозикр комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни мазкур ҳар семоҳа ба Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд ҳисобот пешниҳод намоянд. Мутаассифона санҷишҳо собит намуданд, ки аксарияти комиссияҳои ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба комиссияҳои номбурда ҳисобот пешниҳод накардаанд.

Тибқи талаботи моддаҳои 8 ва 9-и қонуни мазкур падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ӯҳдоранд ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқии фарзанди ноболиғашон роҳ надиҳанд ва барои интихоби касб ба ӯ мусоидат намоянд. Инчунин, ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин кунанд. Бояд зикр намуд, ки ҳолатҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан асосан бинобар иҷро нагардидани ӯҳдориҳои ба қонунгузорӣ пешбинишуда аз ҷониби шахсони масъул бо дастрасии талаботи моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, падару модарон барои аз тарафи фарзандонашон дар мактабҳо истифода намудани телефонҳои мобилӣ, бе либоси тавсиявии мактабӣ ба дарс ҳозир шудан, оворагардӣ, пас аз соати 18:00 машғул шудан ба бозиҳои компютерӣ, иштироки фарзанд дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, муҳайё накардани шароит барои таълим, нагирифтани шаҳодатномаи таваллуд, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, истеъмоли тамоку ва нос, давомот оид ба донишандӯзӣ, омӯзгорон бошанд, дар доираи муқаррарот пур накардани журнали синфӣ, хабардор накардани мақомоти дахлдор оид ба ҳодисаҳои рухдода, бе сабабҳои узрнок нагузаронидани дарс ва ғайра ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Тибқи талаботи моддаи 12-и қонуни номбурда дар баробари волидайн ӯҳдориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд, муқаррар гардидааст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин талаботи қонун аз ҷониби омӯзгорон ва шахсони масъули муассисаҳои таълимӣ риоя карда намешаванд. Аз ин рӯ, дар давраи таҳлилӣ 169 омӯзгор ва шахсони масъули муассисаҳои таълимӣ бо моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Тибқи талаботи моддаи 8 сархати 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модар ӯҳдоранд, пас аз таваллуд фарзандро дар мӯҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд. Таҳлил нишон дод, ки то ҳанӯз баъзе волидайн муддатҳои тӯлонӣ, яъне пас аз гузаштани 3 моҳ ва ҳатто баъд аз гузаштани 11 сол барои аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронидани фарзандон ба САҲШ муроҷиат кардаанд.

Тибқи талаботи моддаи 9, сархати 10 қонуни зикршуда падару модар ӯҳдоранд, ки ҷалби фарзандро барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳида бе иҷозатнома фаъолияткунанда манъ намоянд. Лекин то ҳол баъзе аз волидайн ин талаботи қонунро сарфи назар намуда, фарзандони худро барои гирифтани таълимоти ғайриқонунии динӣ ҷалб менамоянд.

Мувофиқи талаботи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва моддаи 63, Кодекси оила падару модар барои тарбия ва рушду камоли фарзанди худ масъул ва вазифадоранд, ки барои омода намудани онҳо ба мактаб, таълим, касбомӯзии фарзанд ғамхорӣ зоҳир намоянд. Санҷишҳо муайян намуданд, ки ин талабот аз ҷониби баъзе падару модарон риоя намешавад, бо ҳар тарзу усул ва баҳонаҳо ба гирифтани таҳсили ҳатмии фарзандонашон монеъ мешаванд. Дар давраи санҷишӣ дар ҷумҳурӣ 157 ҳолати монеъ шудани волидайн барои гирифтани таҳсилоти ҳатмии асосӣ ошкор ва вобаста ба ин ҳолатҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз шудааст.

Инчунин, бояд қайд кард, ки то ҳол ҳолатҳои ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳӣ нарасида, бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст ва иҷро накардани ӯҳдорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ ҷой доранд.

Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа буда, ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ҳар яки мо бояд бо масъулияти баланд ва софдилона кӯшиш намоем.

***Дилшод ХАЙРУЛЛОЕВ,***
***муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи генералии ҶТ, мушовири адлияи дараҷаи 1***

ХЕШТАНШИНОСӢ

# Дӯст доштани Ватан аз гӯшаи имон аст

Терроризм ва экстремизм зуҳуроти номатлубе мебошанд, ки дар нимаи дуюми асри 20 ба мушкилоти глобалии ҷаҳон табдил ёфтааст. Гурӯҳҳои террористӣ ва ё худ экстремистӣ қариб дар тамоми дунё амалҳои нопоки худро истифода мебаранд.

Барои мисол метавон гуфт, ки кишварҳои Афғонистону Покистон ҳамарӯза аз ин вабои аср ранҷ мебаранд. Рӯзе нест, ки одамон қурбони нақшаҳои нопоки ин гурӯҳҳои террористию экстремистӣ тавассути инфиҷорҳо нагарданд.

Аз ин амалҳои даҳшатафкани террористону ифротгароён солҳо боз як қатор кишварҳои арабӣ ба мисли Яману Ироқ, Юнону Миср ва ғайра азият мекашанд. Миллионҳо нафар сокинони ин кишварҳо тарки Ватан кардаанд. Мавҷи террор дар ду даҳсолаи асри кунунӣ низ дар кишварҳои пешрафтаю тараққикарда, чун Россия, Фаронса, Британияи Кабир, Олмон ва ғайраҳо доман паҳн кардааст.

Бояд қайд намуд, ки зарари ҷонию молӣ ва маънавие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози соҳибистиқлолӣ аз гурӯҳҳои террористию ифротӣ дидааст, ба миллиардҳо сомонӣ баробар мебошад.

Имрӯз дар Тоҷикистон тамоми имконоти муқовимат бо терроризм ва экстремизм фароҳам буда, мо аҳли ҷомеаро водор месозад, ки муборизаро бо ин зуҳуроти номатлуб пурзӯр намоем. Танҳо дастаҷамъона метавонем амнияту осоиши хонаводаҳоямонро аз вуруди ғояҳои бегона, шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, гаравидани онҳо ба ин зуҳурот, ҳифз ва дар амн нигоҳ дорем.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон доимо таъкид менамоянд, ки Ватанро дӯст доштану аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагию ваҳдат ва истиқлоли расидан, шукронаи соҳибватанию соҳибдавлатиро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҷавонони мо бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор бидиҳанд ва итминон дошта бошанд, ки танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем кишвари воқеан ободу пешрафта бунёд намуда, аз хатарҳои ҷаҳони муосир - терроризм ва экстремизм ҳимоя карда бошем.

Аз ин лиҳоз, ҳар ҷавонмарди боору номуси Ватанро зарур аст, ки сари вақт ва софдилона хизмати Ватан – Модарро ба ҷо оварда, барои ҳимояи марзу буми Тоҷикистон омода бошад ва нагузорад, ки душманони миллату давлат оромию осудагии Ватани азизи моро халалдор созанд.

***Олимшо ИҚБОЛШОЗОДА,***
***корманди шуъбаи маорифи ноҳияи Дарвоз***

ЭҶОД

## *Баҳор*

*Зебоарӯси фасли сол,*
*Дар ҳусн ҳастӣ бемисол.*
*Бо як ҷаҳон афсунгарӣ*
*Ороста созӣ ҷамол.*

*Маҳви висолат мекунӣ*
*Ҳар як дили пурҷӯшро.*
*Хониши мурғонат барад*
*Бо хеш ақлу ҳушро.*

*Хоҳам баҳори умр ҳам*
*Якҷо шукуфад бо баҳор.*
*Олам шавад рангинтар*
*Аз накҳати ҳар ду баҳор.*

***Муҳиддини ЯТИМ,***
***омӯзгори мактаби №31, ноҳияи Файзобод***



**Аз 2 то 9 апрели соли равон дар шаҳри Душанбе Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» баргузор мегардад.**

ИННОВАТСИЯ

# Тафаккури техникӣ муҳим аст

*«Пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд».*

Ин пешниҳоди судманд ва мутобиқ ба рӯҳияи замон 26 декабри соли 2019 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат садо дод. Эълони бистсолаи мазкур боз як далели барҷастаи ғамхории Пешвои миллат нисбат ба таҳсили фарогири насли наврас гардид ва аз ҷониби аҳли кишвар, махсусан, алоқамандони таълиму тарбия истиқболи самимӣ



дарёфт. Бояд гуфт, ки дар замони мо вобаста ба тараққию пешрафти босуръати ҷомеа, ҳар чи бештар бароварда сохтани ниёзҳои мардум, беҳдошти сатҳи зиндагӣ, мусоидат ба кашфиёти навин бо ҳадафи таъмини ҳаёти саодатмандонаи халқ эҳтиёҷ ва зарурат ба омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқ хеле афзудааст. Маълум, ки мо дар аҳди рушди бесобиқаи илму техника зиндагӣ дорем ва зиндагии ҳамарӯзаи мо тақозо дорад, ки аз улуми дақиқ огаҳии шоиста дошта бошем, бо технологияҳои навин кор карда тавонем ва дар ин замина бештар фаъолу эҷодкор бошем. Барои ин ба мо фанҳои дақиқ мададгор буда метавонанд. Дар мамлакат бо мақсади татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барномаи махсуси давлатӣ таҳия шудаву ба тасвиб расидааст, ки дар ҳамбастагӣ ба он тамоми муассисаҳои таълимӣ нақши фаъолияти худро мураттаб сохтаанд. Аз ҷумла, вобаста ба ин тадбири фарогир олимпиадаву озмунҳои ҷумҳуриявӣ, шаҳрию ноҳиявӣ созмон дода мешаванд. Дар кулли таълимгоҳҳои кишвар кабинетҳои таълими фанҳои дақиқ бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда, фаъолияташон вусъат бахшида шудааст. Барои таълими босамару босифати фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ усулҳои фаъоли таълим ва низоми таълими босалоҳият мададрасонанд. Бисёр муҳим аст, ки зимни таълим бо истифодаи низоми таълими босалоҳият хонандагон дар меҳвар қарор доранд ва мубоҳисаву мубодилаву мубоширати онҳо дар дарс омили муҳим ба шумор меравад. Ин ҳолат, махсусан, дар таълими фанҳои дақиқ бағоят муҳим ва пурсамар аст. Дар давоми ду соли охир дар иртибот ба ҳадафҳои тадбири мазкур қисми зиёди омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар курсҳои такмили ихтисос ба омӯзиш машғул шуданд, ки ин ба боз ҳам боло рафтани сифати дарсҳо мусоидат мекунад. Яке аз ҳадафҳои асосии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» вусъати тафаккури техникии насли наврас мебошад. Собит гардидааст, ки омӯзиш ва амиқ азхуд кардани илмҳои дақиқ асоси рушди тафаккури мантиқии инсон, устувор гардидани ҳиссиёти ақлонию эҷодӣ, пайдо шудани қобилияти омӯзиш, зеҳни қавӣ, васеъ гардидани ҷаҳонбинии илмӣ, қадами ҷиддӣ дар рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳон ба шумор меравад. Шубҳае нест, ки бо омӯзиши амиқи илмҳои муосир, махсусан, илмҳои дақиқ насли фаъолу созанда, худогоҳу ватандӯст, дорои тафаккури солиму созанда ва таъмингари рушди бештари ояндаи мамлакат ба камол мерасад. Дар ин самт аҳли таълиму тарбияи кишвари маҳбубамон бори масъулияти ҷиддӣ ба дӯш доранд.

*Гулрухсор ЛАШКАРБЕКОВА,*
*директори мактаби №6-и ноҳияи Рошткалъа*

ОЗМУН

# Ғолибони олимпиадаи байналмилалӣ муайян шуданд

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар партави эълон шудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, давоми ду рӯз (29-30.03.2022) олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни физика ба ифтихори бузургдошти Абуалӣ ибни Сино доир гардид.



29-уми март дар толори калони Шаҳраки донишҷӯён маросими ифтитоҳи олимпиадаи мазкур бо иштироки меҳмонон, аз ҷумла, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдухолиқзода ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ доир гардид.

Ректори донишгоҳ, профессор Қ. Хушвахтзода таъкид дошт, ки эълон шудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” боиси густариш ёфтани илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мегардад.

Гуфта шуд, ки дар партави ин ташаббуси муфид Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун донишгоҳи рақами яки ҷумҳурӣ ва маркази неруманди маърифат тасмим гирифт, ки олимпиадаи байналмилалиро аз фанни физика байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба роҳ монад.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён зикр намуд, ки «Имрӯз Ҳукумати ҷумҳурӣ саноатикунонии босуръат ва гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намудааст, ки пеш аз ҳама, барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои нави корӣ замина мегузорад. Татбиқи ҳадафи мазкур ба рушду пешрафти илмҳои дақиқ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ алоқамандии зич дорад.

Сипас, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. Сафармамадзода дар хусуси моҳияти олимпиада маълумот дода, изҳор дошт, ки дар донишгоҳ тамоми шароит барои баргузории олимпиадаи мазкур фароҳам оварда шудааст. Ба иттилои иштирокчиёни олимпиада расонида шуд, ки дар раванди баргузории олимпиада раёсати илм ва инноватсия ва факултети физикаи донишгоҳ омодаи хизматрасонӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, дар факултети физика иштирокчиён, ки беш аз 60 нафар буданд, ба панҷ синфхона тақсим шуданд. Дар олимпиада дар баробари донишҷӯёни тоҷик, инчунин, донишҷӯён аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Афғонистон ва Федератсияи Русия иштирок намуданд. Аз ҷониби масъулини олимпиада масъалаҳо бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода шуда, вақти ҳалли масъалаҳо чор соат муайян гардид.

30-юми март ғолибони олимпиадаи мазкур муайян гардиданд. Дар ҷамъбаст ректори донишгоҳ Қ. Хушвахтзода ғолибонро табрик намуда, ба донишҷӯёни зерин диплом, медал ва мукофотпулӣ супорид.

**Ҷойи аввал:**

1. Абдуллоҷон Юсупов – донишҷӯи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;
2. Қурбонзода Муҳсин – донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Ҷойи дуюм:**

1. Ҷамшеди Рустам – донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. Умедҷон Тӯраев – донишҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ.

**Ҷойи сеюм:**

1. Ҷобири Қурбоналӣ – донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон;
2. Матробиён Насим – донишҷӯи Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;
3. Назриддинзода Саидҷон – донишҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;
4. Мирзомуратов Нусрат – донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шаҳрванди Ҷумҳурии Қазоқистон.

***«ОМӮЗГОР»***

ФАЪОЛИЯТ

# Мутахассисони варзида

Коллеҷи муҳандисии шаҳри Роғун ҳар сол садҳо мутахассисони соҳибмаълумотро тайёр мекунанд, ки онҳо аз рӯйи ихтисосҳои сохтмончии саноатӣ, ронандаи мошинҳои кӯҳӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгард, идоракунии роҳ, барқчӣ ба фаъолияти корӣ шурӯъ мекунанд. Директори коллеҷи муҳандисии шаҳри Роғун Нусратулло Қосимов дар суҳбат изҳор дошт, ки тибқи нақша ҳамасола 150 нафар донишҷӯ аз рӯи шаш ихтисос тайёр карда шуда, ба кор дар корхонаҳои нави саноатӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳоло 420 нафар донишҷӯ дар коллеҷ бо ихтисосҳои гуногун таҳсил доранд. Дар коллеҷ 24 омӯзгор бо донишҷӯён машғулият мегузаронанд.

*Ҳокими САФАР,*
*шаҳри Роғун*

Дар шаҳри Хуҷанд озмуни «Гранти раиси шаҳр ба занони ҳунарманд ва эҷодкор» дар ҳаҷми 165 000 сомонӣ эълон гардид.

ЗАБОН ДОНӢ - ҶАҲОН ДОНӢ

# Пасванди «ed» дар забони англисӣ

Чунонки маълум аст, забони англисӣ аз ҷиҳати хониш нисбат ба забони тоҷикӣ якчанд маротиба мушкил аст. Аз ин рӯ, мо - масъулини ин соҳаро мебояд, ки бахри хуб ва дуруст талаффуз кардани калимаю ибораҳои забони англисӣ ба омӯзандагон (*хонандагон ва донишҷӯён*) ҳангоми хондани матн қоидаҳои хонишро дурусту саҳеҳ фаҳмонем. Дар вақти мутолиаи матн дар забони англисӣ барои хондани калимаи навбатӣ бояд ба калимаи минбаъда низ аҳамияти хоса зоҳир намоем, чунки калимаи минбаъда метавонад талаффузи калимаи навбатиро иваз намояд. Масалан, артикли муайянии “the” агар пеш аз калимае ояд, ки он калима бо ҳарфи садонок шурӯъ шавад, ҳамчун [ði:] талаффуз карда мешавад ва агар пеш аз калимае ояд, ки бо ҳарфи ҳамсадо шурӯъ шавад, ҳамчун [ðə] хонда мешавад.

**The egg [ði: eg];** Nekbakht has been eating **the egg** for three months

**The tie [ðə tai];** Biloljon had been selling **the tie** since 2015

Дар забони англисӣ феълҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: феълҳои дуруст ва нодуруст. Ин феълҳо дорои се шакл ҳастанд:

1-infinitive-масдар,
2-Past indefinite-замони гузашта,
3-Past participle-сифати феълии замони гузашта.

Феълҳои нодуруст дар ҳар се ҳолат сохти махсуси худро доранд, аммо феълҳои дуруст бошанд, шаклҳои дуюму сеюмашон бо илова кардани пасванди “ed” сохта мешаванд.

Пасванди **“ed”** дар забони англисӣ пас аз феълҳо истифода мешавад (*бештар пас аз феълҳои дуруст*) ва феълро ба замони гузашта табдил медиҳад. Ин пасванд одатан се тарзи хониш дорад.

**1-ум тарзи хониш ҳамчун [d]**

Агар феъл бо овози садонок ва ҳамсадоҳои ҷарангдор ғайр аз овози [d] ба охир расад, пасванди “ed” ҳамчун [d] хонда мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки феъл бо овози садонок ва ҳамсадоҳои ҷарангдор ба охир расад, ҳамчун [d] хонда мешавад, на ин ки бо ҳарфи садонок ё ҳамсадо. Яъне мо ҳангоми хондани пасванди “ed” бояд ба овози охир аҳамият диҳем.

**Масалан:** live-lived, play-played, open-opened

Khisrav **lived** here three years ago.
Davlatali **played** football last month.
Sanavbarsho **opened** the New Year’s conference.

**2-юм тарзи хониш ҳамчун [id]**

Пасванди “ed” агар дар охири феъле ояд ва бо овози ҳамсадоҳои [t ва d] ба охир расад, ҳамчун [id] хонда мешавад.

**Масалан:** Count-counted, Start-started, add-added, end-ended

Zarangez counted her money.
Muborak started drinking juice
Guli added salt to soup
Hukumatova ended her ice-cream

**3-юм тарзи хониш ҳамчун [t]**

Дар мавриди сеюм мо пасванди “ed”-ро ҳамчун [t] пас аз овозҳои беҷаранг мехонем. Маълум аст, ки овозҳои беҷаранг танҳо овозҳои ҳамсадо шуда метавонанд, аз ин рӯ, бояд фаромӯш накард, ки агар овози садонок беҷаранг шуда наметавонад. Агар мо овози садонокро беҷаранг талаффуз кунем, вай шунида намешавад. Мисолҳои зерин баёнкунандаи ҳолати сеюми хониши пасванди “ed”-и забони англисӣ ҳамчун [t] мебошанд:

Ask-asked, stop-stopped, cook-cooked, finish-finished

Safolova asked 10 questions on last Monday
Saida stopped crying yesterday at the party
Lalbekova cooked the delicious cake for her grandfather’s birthday
Husnoro finished the university before 5 months.

*Шуҳрат МИРЗОЕВ, номзади илмҳои педагогӣ, Дилафрӯз КАРИМОВА, омӯзгорони забони англисии мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе*

ШЕВАИ ТАЪЛИМ

Дар омӯзиши забони англисӣ кор бо машқҳо яке аз усулҳои фаъол ба шумор меравад. Маълум, ки машқҳо грамматикӣ, фонетикӣ ва лексикӣ мешаванд.

Барои аз зинаи поёни таълим ба боло рафтан мо асосан омӯзишро аз машқи фонетикӣ оғоз мекунем.

Фонетика (савтиёт) як қисми забоншиносӣ буда,

# Кор бо машқҳо - тақвиятбахши дониш

маълумот дар бораи овоз ва талаффузро дар бар мегирад.

Машқҳои фонетикӣ дар синфҳои поёнӣ бештар истифода бурда мешаванд. Чунки хонандагони хурдсол ба талаффуз бештар ниёз доранд.

1. Имитатсия – тақлид. Тақлид дар фонетика нақши муҳим мебозад. Устод як калимаро бо овози баланд мехонад, бачаҳо такрор мекунанд.

See, see, see, see, see
Car, car, car, car, car

2. Дифференсиатсия – тафрика, фарқ кардан. Устод калимаро мехонад ва талаба овозҳоеро, ки аз ҷиҳати талаффуз аз якдигар фарқ мекунанд, меёбад.

Bad – bed
Man – men
Ship – sheep

3. Гӯш карда такрор кардан. (Аввал устод баъд талаба).

Plate – plate
Name – name
Dress – dress

4. Хониши ҳарфҳо бо овози баланд. Талаба мустақилона бо овози баланд ҳарфҳоро мехонад. Ҳангоми ба хато роҳ додани талаба устод ӯро ислоҳ мекунад.

5. Истифодаи транскрипсия – ифодаи овозҳо ба хатоҳои махсус.

Take [teik]
See [si:]
Plate [pleit]




Лексика – маҷмуи калима, маъно, шева, матн, асар ва ғайраҳо.

Дар вақти гузаштани дарсҳои лексикӣ мо бештар ба чор чиз аҳамият медиҳем.

1. Ба маънои калима сарфаҳм рафтан.
2. Бо калима ибора ва калима сохтан.
3. Антоним ва синонимии калимаро ёфтан.
4. Аз ёд гуфтан ё нақл карда тавонистани матн дар асоси калимаҳои нав тартибдода.

Акнун ҳамин чор нуктаро дар алоҳидагӣ тавсиф мебахшем.

1. Ба маънои калима сарфаҳм рафтан:

A book – китоб

2. Бо калима ҷумла сохтан:

A book – This is a book. This is my book. The book is on the table. It is English book.

3. A) Антоними калимаро ёбед:

Thin – thick
Long – short
Good – bad

B) Омоними калимаро ёбед:

Apron – пешдоман, саҳнаи захиравӣ дар театр, рӯйпуши девор.
Spring – баҳор (исм), паридан (феъл)
Spot – доғ, хол, қатра, вазъияти вазнин

C) Синоними калимаро ёбед:

Nice – beautufull
Idea – thought
Child – kinder

Грамматика сохти ҷумларо меомӯзад.

Ба машқҳои грамматикӣ бештар машқҳои хаттӣ хосанд.

1. Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои модалӣ (can? May? Must? ought) гузоред.

I… do it.
He… do it.
You… do it.
She… do it.

2. Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои мувофиқ(am? Shall? have) гузоред.

I… a student.
You… a good car.
I… go to the museum.

3. Трансформатсия – розӣ шавед ё нашавед.

-He is a good boy.
-I agree. He is a good boy.
-I disagree. He is a good boy.

*Дилосо ҚУРБОНОВА, омӯзгори забони англисии ДБССХ*

НЕРУИ ЗАБОН

# Ибораҳои исмӣ дар «Палатаи кунҷакӣ»

*Ибора яке аз воҳидҳои асосии синтаксис ба шумор рафта, аз ду ва зиёда калимаи мустақилмаъно таркиб меёбад. Таърифи ибораро забоншиносон бо тарзҳои гуногун баён намудаанд, ки аз байни онҳо таърифе, ки дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” баён шудааст, нисбатан комилтар мебошад.*

“Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки аз рӯи қоида ва қонунҳои таърихии забон бо ёрии воситаҳои грамматикӣ ба ҳам пайванд шуда, мафҳуми мураккаби ба ҳиссаҳо ҷудошавандаро ифода мекунанд, ибора номида мешавад.”

Нависандагони моҳири тоҷик дар асарҳои хеш бо рӯйи авроқ овардани калимаву таркиб ва ибораву ҷумлаҳои гуногун боз ҳам шаклҳои мухталифи ин воҳидҳои забониро ба миён овардаанд. Аз ҷумла, нависандаи номвари тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев дар асарҳояш шаклҳои гуногуни ибораҳоро корбаст намудааст. Бархе аз шаклҳои он ибораҳо (ибораҳои исмии ҷузъи тобеашон исм ва сифат)-ро дар романи “Палатаи кунҷакӣ”-и ин адиби мумтоз баррасӣ менамоем.

Агар ба вазифаи калимаи тобеъкунандаи ибора исмҳо воқеъ гардида бошанд, ин гуна ибораҳоро (ибораҳои) исмӣ меноманд: ҳамшираи шафқат, ҳамсояи девордармиёни Андреич. Дар романи “Палатаи кунҷакӣ” исм ҳамчун ҷузъи асосӣ ҳамаи ҳиссаҳои нутқро тобеъ намуда, ибораҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст.

Ибораҳое, ки ҳар ду ҷузъашон аз исм таркиб ёфтаанд, дар асар фаровон истифода шудаанд. Бахусус, ибораҳои исмии алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ серистеъмол буда, ҷузъҳои онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ таркиб ёфтаанд: овози Носир Аббос, бемористони қалб, муаллима Аҳмадова ва ғ. Вале диққати моро дар асар бештар ибораҳои исмии алоқаи вобастагӣ ҷалб кард, зеро сарфи назар аз он ки алоқаи мазкур бисёртар ба ибораҳои феълӣ хос аст, нависанда воситаҳои ифодаи ин навъ алоқаро васеъ ва бамаврид корбаст намудааст. Ф.Муҳаммадиев аз пешояндҳои гуногун (-аз, -ба, -дар, -барои, - дар бораи, - оид ба...) истифода бурда, ибораҳои исмӣ бо исмро рӯи кор овардааст. Лекин аксари ин навъ ибораҳо бо пешояндҳои -аз ва -дар алоқаманд гардидаанд.

Ибораҳои бо пешоянди -аз сохташуда муносибати объектиро бо тобишҳои гуногун ифода менамоянд: як порча аз нақшу нигори сутунҳо, гурӯҳе аз беморони сарипоии шуъбаҳои ҷарроҳӣ. Ибораҳои бо пешоянди -дар сохташуда муносибати макониро ифода мекунанд. Ҷузъи асосии баъзеи онҳо аз исмҳои амал ва калимаи тобеъ аз исмҳои моддӣ таркиб ёфтаанд: мубориза дар фронт, сайругашт дар шаҳри худ. Аз мисолҳо бармеояд, ки ибораҳои исмӣ бо исм эзоҳдиҳанда гирифта, дар шакли мураккаб низ истеъмол мешаванд.

Исмҳо ба ҷуз пешояндҳо бо пасояндҳо низ ифода ёфта, ибораро ташкил додаанд. Пасоянди – барин аз серистеъмолтарин пасояндҳои иборасози романи “Палатаи кунҷакӣ” маҳсуб меёбад.

Калимаҳои тобеи ибораҳои бо пасоянди –барин ташаккулёфта бо исмҳои шахсу маънӣ ва предмет ифода ёфта, пеш аз ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ низ ҳамин гуна исмҳо меоянд ва ашёро ифода мекунанд, ки бо ягон хусусият ба ҳамдигар монанд аст: падарам барин деҳқон, ришва барин фасод, фишори хун барин касалиҳо. Омор нишон медиҳад, ки дар асар нависанда танҳо барои сохтани ибораҳои исмӣ бо исм дар бисту панҷ маврид аз пасоянди –барин истифода намудааст.

Теъдоди ибораҳои исмии ҷузъи тобеашон сифат низ дар асар зиёд буда, дар шаклҳои сода ва мураккаб вомехӯранд: қаҳ-қаҳаи баланд, бузургтарин университети Тоҷикистон, мураккабтарин ва нозуктарин соҳаи тарбия ва ӯ. Ҷузъи тобеи ибораҳои мураккаби мазкур пеш аз ҷузъи асосӣ воқеъ шуда, эзоҳдиҳанда пас аз калимаи асосӣ омадааст, зеро ин ибораҳо хусусияти услубӣ доранд. Хусусияти мазкур хоси ин ҳиссаи нутқ буда, дар натиҷаи таҷзияи актуалӣ ҷой иваз менамояд. Вале дар ибораҳои мураккаби маъмулӣ калимаи тобеъ ҳамеша пас аз ҷузъи асосӣ меояд. Эзоҳдиҳандаи ин қабил ибораҳои мураккаб бештар дар мобайн воқеъ мегарданд: хандаи баланди масруронаи дугонаҳо, суханҳои тасаллиомези духтур.

Ҳамчунин, дар роман баъзе ибораҳои исмии ҷузъи тобеашон сифати нисбиеро дидан мумкин аст, ки дар байнашон эзоҳдиҳанда воқеъ гашта, шакли мураккабро ташкил намудаанд: сагҳои рамузфаҳми ч-ӯпонӣ, тарозучаи сабуки заргарӣ. Чунин унсурҳо дар тасвири нависанда сифати иловагию мушаххассозандаи ашё шуда омадаанд.

Умуман, ибораҳои исмӣ бо сифатро мо дар асар бештар дар шакли мураккаб вохӯрдем. Аз ин рӯ, гуфтан ҷоиз аст, ки ин навъ иборасозӣ яке аз роҳҳои ташаккулдиҳандаи ибораҳои мураккаб маҳсуб меёбад.

*Анфисаи СУБҲОНЗОД, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТУҒ “Паймон”*

Дар Тоҷикистон масъалаи беҳтарсозии ғизо барои солҳои 2021 – 2025 мавриди баррасӣ қарор гирифт.

ҲИКМАТИ ЗИНДАГӢ

# Муҳаббат – асоси оилаи солим

*Оила ва ташкили он аз анъанаҳои дерина ва хеле қадимаи иҷтимоӣ аст, ки байни одамон ривоҷ ёфтааст. Асоси оилаи солим ва мустаҳкамро муҳаббати тарафайн ташкил медиҳад, ки ниёгони мо ба он, яъне муҳаббати байни писару духтар ё марду зан, диққати ҷиддӣ додаанд. Муҳаббате, ки чун оина соф ва беолоиш бошад, хости табиии биологӣ ва иҷтимоии инсон аст. Ҳамин хости табиӣ аст, ки ҳанӯз дар 7-8 солагӣ муносибату рафтори духтару писарҳо тағйир меёбад. Дар рафтору амали онҳо нисбат ба якдигар шарму ҳаё падидор мегардад. Камолоти ҷинсии занон нисбат ба мардон аз 1 то 3 сол барвақттар ташаккул меёбад.*

Омиле, ки ҷавононро ба оиладоршавӣ водор мекунад, ин талаботи иҷтимоӣ мебошад, ки дар пояи ахлоқӣ асос ёфтааст. Фарқияти инсон аз ҳайвон дар он зуҳур меёбад, ки инсон ҳар як амалу рафторашро ба ақл тобеъ месозад ва аз талаботи ахлоқӣ, ки дар ҷомеа муайян гардидааст, берун намебарояд. Дар ин бобат олими барҷастаи асри XI Закариёи Розӣ фармудааст: «Инсон боистӣ, ки баръакси ба шаҳвати латифи пинҳонӣ қаноат кардан, онро муҳофизат намояд, то ки латифию зебоии ин амр нигоҳ дошта шавад. Пас, онҳое, ки такя ба ақл доранд, воҷиб аст, ки аз ҳад зиёд ба шаҳват кордор нашаванд. Ба ин амал зиёдаравӣ накарда, ба азобу норасоии он тоқат кунанд ва барои зиёд аз даст додани он дар ҳасрат намонанд ва хурсанду розӣ бошанд».

Ташкили оила беҳтарин роҳи таъмини талаботи ҷисмонӣ ва маънавии инсон мебошад. Табиат писару духтар, марду занро чун воҳид офаридааст. Бинобар ин, маҳз ба туфайли якҷоя будани он «пуррагӣ» ба вуҷуд омада, талаботи табиӣ ва иҷтимоӣ ба ҷо оварда мешавад. Пас, онҳое, ки оила ташкил медиҳанд, ба оқибати он бояд масъул бошанд ва аз уҳдаи вазифаҳои табиии зану шавҳар ба хубӣ бароянд. Аз ҷиҳати ахлоқ ба ин кори басо муҳим ва бошарафу бузурги инсонӣ омода бошанд.

Зану шавҳар бояд хуб дарк кунанд ва ба он тайёр бошанд, ки кори бисёр муҳиму мураккаби иҷтимоӣ - таваллуду тарбияи фарзанд бар дӯши оила аст. Онҳо на танҳо зану шавҳар, балки давомдиҳандаи насли инсонӣ мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ ду калимаи муродиф ва муқаддас ҳаст, ки ин ҳиссиёти наҷиб ва олии инсониро ифода мекунанд: «ИШҚ» ва «МУҲАББАТ». Ҳар ду, аслан, калимаҳои арабӣ буда, ба таври умумӣ як ҷозибаи нарм, форам, гарм ва сӯзони байни ду шахсро ифода мекунанд. Ин ҷозиба (кашиш) бисёр нозук ва латиф, аҷиб ва шавқангез буда, муносибати онро то охир ҳеҷ кас фаҳмида ва фаҳмонда натавонистааст. Зеро вай дар вуҷуди зиндаю мураккаби инсон чуқур реша давонда, ба хуну ба мағзи он вобастаю пайваста аст.

Дар адабиёти тоҷик дар боби ишқу ошиқӣ асарҳои зиёде эҷод гардидаанд. Мавзӯи ишқу муҳаббат, вафодорӣ ва фидокорӣ дар ин роҳ доим диққати аҳли башарро ба худ ҷалб мекарду мекунад.

Дар ҷаҳон касе нест, ки дар ҳаёти худ боре ошиқ нашуда бошад. Бехобӣ, интизорӣ барои танҳо як дидори маъшуқ, дарди хиҷронӣ шоирӣ – ин хислатҳо барои ҳар як фарди ошиқ хосанд. Аммо гоҳо баъд аз муддати муайян оташи сӯзони ишқ паст мегардад ва оҳиста-оҳиста фаромӯш мешавад. Маълум мешавад, ки ин ишқи ҳақиқӣ набуда, танҳо ҳавою ҳавас будааст.

Донишманди бузург Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ», ки ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума гардидааст, дар бораи ҳолати ошиқ навиштааст: «...мумкин аст, ки аз дарди ишқи ҳақиқӣ дар ғамгинии шадид ва ҷуссаҳои муттасил бимонад. Дар ин гуна ҳолат ошиқоне, ки ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасанд, ба дарди бехобӣ ва парешонҳолӣ дуҷор мешаванд».

Оилае, ки дар асоси ишқи тарафайн бунёд мегардад, хушбахту пояндa аст.

Ишқ меҳвари оила ва муносибати оилавӣ мебошад. Чун ин тавр аст, ба вай хеле дақиқ назар ва хеле нозук муносибат кардан зарур аст.

**Шарти аввал** донистан ва қабул кардани он, ки ишқи ҷинсӣ решаи ҷисмонӣ, баданӣ дорад, дар бадани зиндаи инсон пайдо ва парвариш мешавад. Дар одами ноболиғ ҳоло ишқи ҷинсӣ нест. Дар тани пиру фартут низ ишқу ҷозибаи ҷинсӣ (байни зану шавҳар) бошад ҳам, он тамоман моҳияту мазмуни давраи ҷавониро надорад; робитаи байни онҳо асосан аз рӯи одат, ҳоҷат ва муошират, начот ва хавфи танҳоӣ аст, ки барои давраи пирӣ муҳимтар аз ахлоқҳои ҷисмонианд. Ҳатто худи ҷавонон хусусиятҳои ишқро дар давраи гардишу вохӯриҳои ошиқона ва давраи баъди никоҳӣ ҳаёти мураккаби оилавӣ фарқ мекунанд: он «дуд»-у «оташ» ва «сӯхтану пухтан»-ҳо хоси замони ишқварзианд, вале он дар вақти ба коми дил расидан, никоҳ шудан нест мешавад.



**Шарти дуюм** донистану эътироф кардани он аст, ки ишқ дар миқёси замону макон, фазо ва вақт абадӣ нест. Вобаста ба шароиту муҳит асосҳои дигар пайдо мешаванд, вале комилан вобаста ба шахс дар ихтиёри шахс аст; дар доираи замону макон, фазо ва вақт абадӣ нест.

**Шарти сеюм** ин аст, ки ишқ ба хирад ва иродаи инсон бояд тобеъ бошад. Вале ин тобеъият на тобеъияти яктарафа, балки робитаи тарафайн аст. Хирад ва ирода агар ишқу ҳиссиёти ишқиро идора ва раҳнамоӣ кунанд, ишқу ҳиссиёт ақлу иродаро қувват медиҳанд; ақлро гӯё ва иродаро гиро мекунанд; ақл ба ишқ сафо мебахшад, барои интихоби дурусти объекти ишқ мадад мерасонад; ишқ (ишқи ёр, ишқи Ватан, меҳри касб ва ғ.) дар навбати худ ақлро водор месозад, ки роҳҳои беҳтару наздиктари расидан ба мақсадро ҷӯяду ёбад; вай иродаро мадад мекунад ва пурқуввату устувор менамояд. Дар сурати суст будани таъсири хирад ишқ метавонад иродаро тамоман ба ихтиёри худ гирад, ба самти барои ӯ даркорӣ равона созад.

Ин ҳол ҳам ҷиҳати хуб ва ҳам ҷиҳати бад дорад. Хуб он, ки ишқи ҳақиқиро ба мурод мерасонад ва бад ин ки касро ба корҳои нохуш; ғалабаи шаҳват, ҳамоқат, чабр, ҷиноят ва ғайра бурда метавонад. Дар хусуси ақл бошад, ишқи ҷунунӣ онро тира ва гумроҳ низ карда метавонад.

Донишманде гуфтааст:

-«Маъшуқаеро, ки чашм интихоб кунад, чӣ басо, ки маҳбуби дил нашавад, аммо онро, ки дил бипписандад, бегумон, нури чашм хоҳад шуд».

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки чашм ҳуснро меписандаду дил интихоб мекунад. Барои дил бошад, омилҳои асосӣ феълу рафтори нек, меҳр, самимият, садоқат, вафо ва дигар хислатҳои неки инсонӣ мебошанд. Вагарна дар зиндагӣ бисёр духтарони зебо, аммо худписанду худхоҳ, бевафою сабукрафтор умрашонро ба танҳоӣ мегузаронанд ва касе онҳоро ҳамроҳи ҳаёт интихоб намекунад.

Ошиқ ҳамон, ки маъшуқаро хуш кунад.

Ишқ як хосияти умумӣ дошта, дар шаклҳои гуногун, дар марҳалаҳои умри инсон зоҳир мегардад. Дар давраи пирӣ, тавре, ки қаблан гуфта шуд, ишқ он хусусияти ҳарорати давраи ҷавониро надорад, сифатан дигар мешавад. Зане, ки модар шуд, фарзандашро дар аксари мавридҳо аз шавҳар бештар дӯст медорад. Ҳамаи ин ҳолатҳоро ба ҳисоб гирифта, фикр намуда, муносибатҳоро танзим кардан лозим аст. Ишқи Ватан бошад, хусусиятҳои худро дорад, асосан дар ҳолати ғурбат (ғарибӣ) чуқур ва ҷӯшон эҳсос мегардад. Объекти ҷунин ишқ гуногун ва таркибан сершумор аст: аз хона, кӯча, маҳал, ноҳия, шаҳр, кишвар, вилоят, то мамлакат. Фарқи куллии ин ишқ аз ишқи ҷинсӣ дар он аст, ки яке ишқи дигареро истисно намекунад, муқобил намеистад. Вале касе, ки дар Ватан аст, аз ғами ишқ озод аст. Барои ҳамин мегӯянд:

«Ғами Ватан аз ғарибон пурс, ки соҳибватанон аз он бехабаранд».

Чи тавре, ки шаклҳои зуҳуроти ишқ бисёр аст, шаклҳои изҳори он низ хеле гуногун мебошад; зикри ҳамаи онҳо вақти зиёдеро мегирад. Ақидае ҳукмрон аст, ки дар ҳар забон 100-150 тарзи баён кардани «Ман туро дӯст медорам» вуҷуд дорад. Муҳим он аст, ки ишқ моҳиятан пок, расида ва шаклан пухта бошад. Дар он сурат барои изҳор намудани он суханҳо воситаҳо бисёранд. Аз ҳама хубаш он аст, ки вай на ба воситаи сухан, мактуб, миёнарав, ишора ва ғайра, балки дар амал нишон дода шавад.

Ақлу фаросат, шаклу сурат, шавқу рағбат, меҳру садоқат ва касбу маҳорати худро нишон дода, сипас аз ишқу васолат ҳарф бояд зад. Онҳое, ки дарҳол "Туро дӯст медорам, бе ту мемирам" мегӯянд, дурӯғи маҳз мегӯянд. Дарвоқеъ, онҳо ҳарчанд ҳиссиёти гарму сӯзон дошта бошанд ҳам, вале он пойдор ва устувор нест, поя ё реша надорад, ба зудӣ хомӯш мешавад. Ҳеҷ набошад, баъди никоҳ ва висол дер намепояд. Дар чунин ҳолатҳо бисёр эҳтиёт шудан лозим аст.

***Хуррам РАҲИМЗОДА,***
***профессор***

ДАСТГИРӢ

# Ғамхорӣ

*Мактаб – интернати кӯдакони ятиму бепарастори ноҳияи Темурмалик соли 1929 таъсис ёфта, соли 2015 бо қарори раиси ноҳияи Темурмалик бо мақсади ҷалби кӯдакони ятиму бепарастор аз оилаҳои камбизоати шаҳраку деҳоти ноҳияи Темурмалик ба мактаб – интернати кӯдакони ятиму бепарастори ноҳия табдил дода шудааст.*

Муассисаи мазкур аз бинои асосии дуошёнаи дорои 10 синфхонаи таълимӣ ва хобгоҳи замонавӣ барои 110 нафар тарбиятгиранда иборат буда, ошхона барои 106 нафар кӯдак дар як баст ва ҳаммом дар хидмати тарбиятгирандагон қарор дорад. Тавре директори мактаб-интернат Файзулло Саидов иброз дошт:

- Дар соли хониши 2020-2021 106 нафар тарбиятгиранда аз деҳоти дурдасти ноҳия ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки ба онҳо 25 нафар омӯзгору мураббия таълим медиҳанд. Дар мактаб-интернат кабинети фанни технологияи иттилоотӣ бо 14 адад компютер таъмин буда, устохонаи таълимии муҷаҳҳаз дар ихтиёр тарбиятгирандагон қарор дорад. Сифати таълиму тарбия ва донишандӯзии тарбиятгирандагон сол то сол беҳтар гардида, омӯзгорону толибилмон ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд. Дар соли таҳсили сипаригардида, синфи 11-ро 11 нафар хонанда хатм намуд, ки ҳамаи онҳо тибқи ММТ ба муассисаҳои олии касбии кишвар дохил шудаанд.Фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ дар мактаб-интернат хуб ба роҳ монда шуда, иштироки тарбиятгирандагон дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ назаррас мебошад. Аз ҷумла, хонандагони синфи 10 Т. Исломуддин аз технологияи иттилоотӣ, Х.Умаров (аз география), Н. Занҷиров ва Р. Алматов (аз забон ва адабиёти тоҷик) дар озмунҳои вилоятӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Бинои асосии мактаб-интернат бо дастгирии сарпарасти муассиса - Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи 80 ҳазор сомонӣ аз таъмир пурра барорварда шудааст. Ҳамчунин, бо дастгирии сарпарастон тамоми хонандагон бо либоси мактабӣ ва варзишӣ таъмин карда шуданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

Хонандаи Литсейи давлатии ноҳияи Восеъ Омина Худойқулова ба гирифтани медали тиллои олимпиадаи байналмилалии «Teeneagle» мушарраф гардид.

*Дору паси марг кай кунад суд?!*
*Низомии Ганҷавӣ*

«Омӯзгор» № 14, 7 апрели соли 2022

ОСОРХОНА

# Махзани мероси адабӣ

**Дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, кӯчаи Истаравшан - №4 хонаи начандон калоне мавҷуд аст, ки дар он ҷо шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутӣ зиндагӣ ва эҷод кардааст. 4-уми декабри соли 1987 ба ифтихори 100-солагии шоир ин хона бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хона-музей табдил дода шуд.**

Дар ин манзил Абулқосим Лоҳутӣ ҳамроҳи аҳли байти хеш (аз соли 1941 то соли 1943) зиндагӣ кардааст. Ташкили осорхона арзи сипосу эҳтироми халқи тоҷик нисбат ба шоири хеш ва хизматҳои бепоёни ӯ мебошад. Осорхонаи мазкур аз 5 толор иборат аст.

**Дар толори якум,** ки "Теҳрон" номида шудааст, лавҳаҳо, суратҳои падари шоир - Аҳмад Ҳаким Илҳомӣ, хешовандони шоир, суратҳои худи шоир, ки айёми наврасӣ ва ҷавонӣ, мубориҳаи миллӣ-озодихоҳиро дар бар мегирад ва экспонатҳои ба ин давра мувофиқро ба тамошобинон намоиш медиҳад. Дар сурати дигар шаҳри Кирмоншоҳ (зодгоҳи шоир) акс ёфтааст. Маҳз дар ҳамин ҷо ба шоир тахаллуси "Лоҳути"-ро додаанд, ки маънии луғавиаш «олим ба илми худоӣ» ва «худошиносӣ» мебошад.

Аксҳо аз шӯришҳои Сатторхон дар Эрон, муҳорибаи Табрез ва мағлубияту ғолибияти онҳо, қадамҳои аввалини шоири шӯришгар бар зидди истилогарон ва озодии халқ дарак медиҳад. Лоҳутии ҷавон ҳам бо яроқ ва ҳам бо қалам меҷангид. Яке аз шумораҳои маҷаллаи «Форс», ки онро Абулқосим Лоҳутӣ дар Истамбул таъсис дода буд ва солҳои 1918-1919 фаъолият дошт, барои тамошо гузошта шудааст. Маҷаллаи «Форс» бо ду забон - форсӣ ва фаронсавӣ чоп мешуд ва дар ҳар шумораи он шеър ва мақолаи шоир нашр мегардид.

**Толори дуюм** – утоқи корӣ ҳисоб ёфта, мизу курсии корӣ ва ҷевони китобҳо ва баъзе нигораҳои рассомони тоҷикро дар бар гирифтааст. Болои мизи корӣ нусхае аз дастхати худи Лоҳутӣ гузошта шуда, дар як гӯшаи дигар акси кандакоришудаи Абулқосим Лоҳутӣ дар чӯб, ки амали кандакори машҳури тоҷик С. Нуриддинов мебошад, ба намоиш гузошта шудааст. Инчунин, дар ин толор радио ва гулдони шахсии шоир низ ҷойгиранд.

**Толори сеюм** – суратҳо, китобҳо, ашёҳои шахсии шоир, экспонатҳо ва баъзе нигораҳову экспозитсияи рассомони тоҷикро дар бар гирифтааст. Ҳаёти Абулқосим Лоҳутӣ баъди ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданаш низ дар ҳамин толор муаррифӣ мегардад.

Маврид ба ёдоварист, ки Абулқосим Лоҳутӣ бори аввал соли 1925 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст. Шоир дар даврони зиндагӣ ва фаъолият дар Тоҷикистон эҳтироми баландро ноил гаштааст. Ҳамчунин, дар хусуси вожаи "тоҷик" ва миллати тоҷик таъкид менамояд, ки: «Ҳар вақт аз



Тоҷикистон ва тоҷикон гап занам, ба ёдам меояд, ки дар айёми ҷавониям, дар Эрон бори аввал калимаи «тоҷик»-ро дар шеъри Саъдӣ дидам. Шоир ба маҳбубаи худ хитоб карда гуфтааст:

*Шояд ки ба подшаҳ бигӯянд:*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

Чун маънии калимаи «тоҷик»-ро надонистам, дар ҷустуҷӯйи он ба китобҳои луғат муроҷиат намудам. Дар китобе навишта шуда буд: «Тоҷик номи қабилаест, ки як замон вуҷуд доштааст; дар луғати туркӣ ба маънии форс ҳам омадааст». Чун шунидам кишваре ба номи Тоҷикистони советӣ ҳаст, ки дар онҷо осори Фирдавсӣ ва Саъдиро халқ ҳамчун дар Эрони ман мехонанд ва азиз медоранд, аз партия хоҳиш намудам маро ба он ҷо фиристад».

**Толори чорум** – хуҷраи Абулқосим Лоҳутӣ аст. Дар ин ҷо Абулқосим Лоҳутӣ ба тарҷумаи адабиёти ҷаҳонӣ машғул буда, асарҳои «Моцарт ва Солери», «Евгений Онегин» ва шеъру афсонаҳои Пушкин, шеърҳои А. Горкий, В. Маяковский, Т. Шевченко ва махсусан, асарҳои безаволи В. Шекспир «Ромео ва Ҷуллета», «Отелло», «Шоҳ Лир»-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Мушовири доимии ӯ, ба гуфтаи шоир, ҳамсар ва рафиқаи кориаш Силсила Бону будааст.

Ҳамчунин, дар ин толор аксҳои оилавӣ, тӯҳфаву асбобҳои шахсии шоир, дар як гӯша матни гимни аввали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қалами Абулқосим Лоҳутӣ иншо шудааст ва ҳамчунин, аксҳои ҳунарпешагони тоҷик Муҳаммадҷон Қосимов ва Туҳфа Фозилова, ки дар саҳнаи театри тоҷик, номи шоири бузург Абулқосим Лоҳутиро дорад, нақши қаҳрамонони асарҳои шоирони маъруфи ҷаҳонӣ Шекспир, Лопе де Вега, Грибоедовро бозидаанд, ҷой дода шудааст.

**Дар толори панҷум** – ҳуҷҷатҳои шахсӣ, ордену нишонҳо, расмҳои шоирон ва китобҳои бо дастнавис тӯҳфашуда нигоҳ дошта мешавад. Бояд зикр кард, ки Абулқосим Лоҳутӣ бо Садриддин Айнӣ робитаи хуби дӯстӣ ва ҳамкорӣ доштанд, ки дар гӯшае аз ин толор мукотибаи онҳо рӯйи авроқи сафед оварда шудаанд. Аз муколамаи онҳо бармеояд, ки онҳо розҳои ниҳонии худро бо якдигар иброз мекарданд.

Абулқосим Лоҳутӣ 4-уми декабри соли 1887 дар шаҳри Кирмоншоҳи Эрон таваллуд шуда, 16-уми марти соли 1957 дар шаҳри Москва вафот кардааст ва ҷасади ӯ дар мазори Новодевиче мадфун аст.

***Гулноза САИДОВА,***
***ходими хурди илмии Осорхонаи адабӣ - ёдгории Абулқосим Лоҳутӣ***

ЁДБУД

# Олимпиада ба хотири омӯзгор

Шодравон Маҳмудхон Убайдов дар тӯли фаъолияти пурсамари беш аз 50-солааш шогирдони зиёдеро ба камол расондааст. Номбурда пас аз хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолияти худро ба сифати омӯзгори фанҳои география ва биология дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51 (собиқ мактаби №92)-и ноҳияи Рӯдакӣ оғоз намуда, дар пешбурди таълиму тарбияи насли наврас саҳми калон гузошт. Мавсуф солиёни тӯлонӣ раҳбарии иттиҳодияи методии фанҳои географияю биологияи таълимгоҳро ба уҳда дошта, ҳамзамон, дар раъси семинарҳои минтақавӣ оид ба фанҳои мазкур қарор дошт. Устод М.Убайдов донишу таҷриба ва бардошту омӯхтаҳояшро дар шакли мақолаю маводи методӣ ҳамвора дар нашрияҳои «Омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон» ва «Маърифати омӯзгор» ба табъ мерасонд. Вай муаллифи дастуру китобҳои методии зиёде дар хусуси роҳҳои беҳтар ба роҳ мондани таълими фанҳои географияю биология дар муассисаҳои таълимии кишвар ба шумор мерафт. Тайи чанд соли охир, шодравон фаъолияти худро дар Паҷӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ ба ҳайси ходими калони илмӣ ба роҳ монда, ба таҳқиқоти илмӣ машғул буд.



Рисолаи илмияш омода гардидаву дар арафаи ҳимоя қарор дошт. Сад афсӯс, ки марги нобаҳангом таноби умри устод Маҳмудхон Убайдовро ногаҳон баркард. Аммо ному кори ӯ дар дилу ёдҳо бо таври ҳамешагӣ боқӣ мондааст. Чанде қабл дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и ноҳияи Рӯдакӣ ба хотири гиромидошти Маҳмудхон Убайдов олимпиадаи номӣ гузаронида шуд, ки дар он довталабон аз 30 муассисаи таълимии ноҳия ширкат варзиданд. Ба ғолибони озмун ифтихорнома ва китобҳои бадеӣ тақдим карда шуд. Ҳамчунин, баъди анҷоми олимпиада ба ёдбуди устод конфронси илмӣ баргузор гардид. Конфронсро директори таълимгоҳ С.Асадов ифтитоҳ намуда, дар хусуси фаъолияти илмиву таҳқиқотии омӯзгори шинохта сухан ронд. Баъдан, директори Маркази рушди истеъдодҳои ҷавони раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакӣ М.Раҳимов, кормандони ПРМ АТТ Д.Маҳкамов, С.Қурбонов, М.Сафаров ва ҳамсинфону ҳамкурсон, бародарон ва шогирдони марҳум перомуни хидматҳои арзандаву шоиста ва лаҳзаҳои рангини фаъолияти ибратбахши устод ҳарф заданд. Конфронс хотирмону муассир гузашт.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

ТАРБИЯИ МЕҲНАТДӮСТӢ

# Меҳнат шараф аст

Зиндагии инсонҳо ба меҳнат асос ёфтааст. Меҳнат, яъне кор, одамро обутоб мебахшад, рӯзирасон мешавад, шарафманд мегардонад. Пайваста ба меҳнат машғул шудан муҳимтарин омили собитгари ҳастии ҳар шахс мебошад. Ба шарофати меҳнат одамон ҳам зиндагии худро файзу баракату равнақ мебахшанд ва ҳам дар пешрафту ободонии Ватан азизи худ ҳиссагузорӣ менамоянд. Ҳаёт маҳз ба василаи меҳнат шукуфою пуртароват аст. Тамоми бунёдкорию созандагӣ, манзараҳои зебою дилрабои диёрамон ифодагари меҳнати пурбаракати шаҳрвандони кишвар мебошанд. Меҳнат тавъам бо зебоист, пайванд бо офарандагист, ҳамбаста бо хушбахтист. Меҳнатдӯст будан аз волотарин хислатҳои инсонист ва баръакс коргурезӣ, меҳнаткимобӣ барои ҳар фард боиси бешарафию беобрӯгист. Аз ин рӯ, дар тарбияи насли наврас ба тарбияи меҳнатӣ (меҳнатдӯстӣ) таваҷҷуҳи махсус ҳамешагӣ зоҳир карда мешавад. Наврасону ҷавонони имрӯз ҳар қадар бо меҳнати пурсамар унс бигиранд, ҳамон қадар фардои ҷомеа ободтар хоҳад шуд. Омӯзгорони тамоми фанҳо мувазаффанд, ки ба тарбияи меҳнатии хонандагон диққат диҳанд ва онҳоро бо муассиртарин василаҳо бо меҳнат кардан, аз меҳнат наҳаросидан даъват намоянд. Роҳбарони синфҳо аз ин лиҳоз масъулияти бештар доранд ва аз ҷумла, онҳоро мебояд, ки дар ҳар соли таҳсил ду-се дарси тарбиявиро маҳз ба мавзуи меҳнатдӯстӣ ва аҳамияти он бубахшанд. Оид ба ин мавзӯъ ташкилу баргузор намудани маҳфилҳои махсус, конфронсҳо, вохӯриҳо ва саёҳатҳо айни муддаост. Бо мақсади вусъати тарбияи меҳнатии хонандагон дар нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими фанни технология (таълими меҳнат) муқаррар шудааст. Зимни баргузории ин фан хонандагон ба ду гурӯҳ (писарон ва духтарон) ҷудо карда мешаванд. Ҳадафи асосии фанни мазкур ба хонандагон омӯзонидани асосҳои касбу ҳунарҳои гуногуну маъмул буда, зимнан дар ниҳоди онҳо нисбат ба меҳнат эҳтирому эътиқоди самимият парварида мешавад. Ҳангоми таълими технология ва татбиқи тарбияи меҳнатии насли наврас ҳам дар гурӯҳи духтарон ва ҳам дар гурӯҳи писарон аз адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти шифоҳии мардумӣ истифода кардан боиси бештар самарманд шудани дарсҳои мегардад. Тарғиби меҳнату меҳнатдӯстӣ дар адабиёти тоҷик аз мавзуъҳои хеле вусъатёфта махсуб мешавад. Ин ҳикмату мақолаҳои халқи мо басо машҳуру маҳбуланд: «Меҳнат шараф аст», «Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ», «Рӯсурхии одам аз кор аст», «Меҳнат - калиди бахт», «Имрӯз меҳнат кунӣ, фардо роҳат меёбӣ», «Меҳнати ҳалол – зиндагии бемалол»…

Шоиру нависандагон низ дар ситоиши меҳнату меҳнатдӯстӣ абёти баланду корагар гуфтаанд. Чанд мисол:

*Агар коре кунӣ, музде ситонӣ,*
*Чу бекорӣ, яқин, бемузд монӣ.*

***

*Бишав танҳо, бирав бар сӯи коре,*
*Ки аз меҳнат набошад нангу оре.*

***

*Бирав, кор мекун, магӯ чист кор,*
*Ки сармояи ҷовидонист кор.*

Тарбияи меҳнатӣ низ чун навъҳои дигари тарбия аз омӯзгор, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯву навоварӣ ва корбасти усулҳои фаъоли таълимро тақозо дорад.

***Бибигул АЗИЗОВА,***
***омӯзгори технологияи мактаби №9-и шаҳри Норак***

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон тахти унвони «Пиряхҳо – ҳамчун манбаи обҳои мусаффои Тоҷикистон» намоиш ҷараён дорад.

ШАРАФМАНД

# Кимиёгар, донишманд ва омӯзгори соҳибтаҷриба

*Профессори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Нарзулло Қобилов зиёда аз 50 соли умри бобаракаташро ба таълиму тарбия ва илму пажӯҳиш бахшидааст.*

Ӯ соли 1970 факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (он вақт УДТ ба номи В.И.Ленин)-ро бомуваффақият хатм карда, зери роҳбарии устодон Саодат Баситова ва Фатхуддин Шодиев дар мавзуи «Пайвастҳои комплексии рений (IV) бо аминокислотаҳо» корҳои илмию пажӯҳиширо ба роҳ монда, рисолаи дипломияшро бо баҳои "аъло" ҳимоя намуд. Баъди хатми донишгоҳ ӯро ҳамчун ассистенти кафедраи химияи ғайриорганикӣ ба кор қабул карданд.

Муҳаббати бепоёни касб ва кӯшиши ба қуллаҳои баланди илм расидан ӯро соли 1974 ба аспирантураи Донишкадаи технологии ба номи Ленсовети шаҳри Ленинград меорад. Дар муддати се соли таҳсил дар аспирантура ӯ ба фарҳанги ғании ин шаҳри бузург шинос шуда, олами пурасрори илми химия ва усулҳои ҳозиразамони таволиду тадқиқи моддаҳоро мукаммал омӯхт. Хидмати роҳбаронаш - доктори илми химия, профессор Ю.Н. Кукушкин, дотсент К.В. Котегов ва профессори ДДТ Саодат Баситова ва шогирдону ҳамкорони онҳо дар рушду ба камол расидану фаъолияти илмӣ ва эҷодии номбурда хеле калон аст. Вай комёбию дастовардҳояшро ба номи устодони донишманду ғамхор ва мушфиқ алоқаманд мекунад.

Соли 1978 дар Шурои илмии махсуси Донишкадаи номбурда дар шаҳри Ленинград рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуд.

Нарзулло Қобилов баъди баргаштан аз шаҳри Ленинград, аз соли 1978 то 1981 ба сифати ходими калони илмӣ дар кафедраи химияи ғайриорганикии ДМТ кор кард. Солҳои минбаъда дар кафедраи усулҳои таълими химия ҳамчун сармуаллим кор карда, соли 1988 соҳиби дараҷаи илмии дотсенти кафедраи методикаи таълими химия гардид. Бо роҳбарии устод Н.Қобилов дотсентон А.Кузнетсова, З.Ҳомидов, П.Лучникова, В.Болдирева барои беҳтар тайёр намудани дастурамалҳо, воситаҳои техникию таълимӣ ва омода намудани кадрҳо дастачамъона фаъолият намуданд, ки натиҷаҳои хуб дод. Дар натиҷа омӯзгорони ва кормандони кафедра дар озмунҳо ҷойҳои намоёнро ишғол менамуданд. Синфхонаҳои кафедра ҳамчун синфхонаҳои беҳтарин дар факултет ва донишгоҳ ба ҳисоб мерафт.

Нарзулло Қобилов ба масъалаҳои беҳтар ташкил намудан ва гузаронидани корҳои лабораторӣ, таҷрибаҳои химиявӣ, шабнишиниҳои химиявӣ, корҳои беруназдинфӣ ва таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён мунтазам эътибори махсус медоданд. Дар ташкили ҷараёни таълим низ дигаргуниҳоро дар навиштани корҳои курсиву рисолаҳои хатм бо аннотатсия ва хулосабарориҳои мушаххас ҷорӣ карданд. Адади рисолаҳои дифоёфта бештар гардида, мазмун ва мундариҷаи онҳо ба ҳаёт ва таълим наздик карда шуд, ки он замон ин талабот барои рисолаҳои илмӣ қариб хатмӣ шуда монда буд.



Н.Қобилов методикаи таълими химия, фанҳои тахассусӣ, технологияи умумии химиявиро хеле шавқовар, пурмазмун ва бо истифодаи воситаҳои таълимию техникӣ дар сатҳи баланд мегузаронид. Дар он замон мутахассисонро аз рӯи ихтисоси химик-омӯзгор дар асоси стандарти давлатӣ тайёр мекарданд. Устод маҳорати омӯзгории донишҷӯёнро бо роҳҳои навиштани нақша-конспекти намудҳои гуногуни дарс, гузаронидани дарс аз рӯи нақша-конспект бо риояи реҷаҳои вақт, таҳлил намудани ҳар як дарс бо нишон додани камбудиҳо ва бартариҳои дарс бо гузоштани баҳои мувофиқ, хатман нишон додани таҷрибаҳои химиявӣ ва ҳал намудани машқу масъалаҳо ташаккул медод. Ҳангоми дар кафедра кор кардан устод дар хусуси методикаи таълими химия зиёда аз 30 мақолаи илмӣ-методиро дар маҷаллаи "Мактаби советӣ" ва нашрияи "Омӯзгор" ба табъ расонид. Инчунин, мақолаҳои илмиро Н.Қобилов дар давоми фаъолияташ дар кафедраи химияи ғайриорганикӣ ва методикаи таълими химия дар маҷаллаҳои бонуфузи "Координационная химия", "Журнал неорганической химии", "Доклад АН Таджикской ССР" чоп кардааст.

Дар фаъолияти педагогии худ ӯ якчанд маротиба раис ва аъзои ҳакамони олимпиада буд, ки ин корро бо масъулияти баланд иҷро мекард.

Бояд гуфт, ки оид ба усулҳои ҳалли масъалаҳо ва тадриси химия китобҳои номбурда нахустин дастурҳои методӣ ва таълимӣ бо забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Дар ин китобҳо усулҳои одитарини ҳалли масъалаҳои намунавӣ, масъалаҳои мураккаб барои озмунҳо, олимпиада ва усулҳои ҳозиразамони таълими фанни химия фаҳмо ва равшан нишон дода шудааст. Ин китобҳоро омӯзгорон, донишҷӯён ва толибилмон васеъ истифода бурда истодаанд.

Олими тавоно корҳои таълимию методиро ба корҳои илмию тадқиқотӣ пайваста пеш бурда, зиёда аз 150 асари илмию методӣ таълиф намудааст, ки қисми зиёди онҳо ба риштаи методикаи таълими химия ва бештар аз 50-тои он чун китоби дарсӣ, дастурамали таълимию методӣ ва зиёда аз 80 мақолаи илмию методӣ чоп намудааст, ки барои муаллимону донишҷӯён ва хонандагон пешбинӣ шудаанд.

Олими ташаббускор ва сермаҳсул барои кашфиёти илмиаш сазовори 2 шаҳодатномаи муаллифӣ ва патенти ихтироъ гардидааст.

*Хошимҷон ИБРОҲИМОВ,*
*номзади илмҳои педагогӣ,*
*Аълочии маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*"Омӯзгор"*

ИЛҲОМ

Ғафур Носиров (бо тахаллуси Ғуфрон) соли 1934 дар деҳаи зебоманзари Воруи шаҳри Панҷакенти бостонӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Ӯ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро соли 1950 дар зодгоҳаш хатм намуда, соли 1952 ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент (ҳоло коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент ба номи Лоиқ Шералӣ) дохил шуда, онро соли 1954 бо дипломи аъло ба итмом расонидааст. Солҳои 1958- 1962 дар факултети филологияи тоҷики Институти педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) таҳсил намудааст.

Ҳамчунин, хатмкардаи факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И.Ленин (ҳоло ДМТ) (солҳои 1971-1977) мебошад.

Устод Ғафур Носиров машъалафрӯзи роҳи маърифат ва яке аз чеҳраҳои шинохтаи соҳаи маорифи шаҳри Панҷакент ба ҳисоб рафта, тамоми ҳаёти пурсамари хешро сарфи таълиму тарбияи насли наврас кардааст ва аз ин сарафроз аст.

## Омӯзгори 88-сола шеър мегӯяд

Пири хирад - бобои Ғуфрон солҳои тӯлонист, ки гаравиш ба эҷоди бадеӣ дорад ва муаллифи маҷмуаҳои "Ёдгори умр", "Давоми умр", "Дилшод ва Гулшан", "Насиҳат ба фарзанд", «Ҳадафнома»... мебошад.

### Мулки беназир

*Чунин хоки муқаддасро дар ин дунё нахоҳӣ ёфт,*
*Чунин ҷаннатсаро дар олами боло нахоҳӣ ёфт.*
*Агар гардӣ тамоми баҳру бар, баҳри тамошоят*
*Ба мисли Тоҷикистон манзари зебо нахоҳӣ ёфт.*
*Диёрам гашта пур аз меваҳои шаккарин имрӯз,*
*Ба ҷаннат гар равӣ, аз шохаи Тӯбо нахоҳӣ ёфт.*
*Дар ин водӣ ҳама вобастаи сулҳу амониянд,*
*Зи ҷои дигаре ин сулҳи побарҷо нахоҳӣ ёфт.*
*Табобатхонаи олам бувад оби шифобахшаш,*
*Чу з ин ҷо дар дигар ҷое сари боло нахоҳӣ ёфт.*

### Падидаҳои сухан

*Хислату ғуфтори инсон аз сухан пайдо шавад,*
*Инкишофи илму ирфон аз сухан пайдо шавад.*
*Бе сухан ҳаргиз набошад донишу фазлу карам,*
*Донишу фазли фаровон аз сухан пайдо шавад.*
*Хӯшачин Саъдист аз ҳар хирмани авҷи сухан,*
*Хатти тугрои «Гулистон» аз сухан пайдо шавад.*
*Муътабар шуд Ҷомӣ аз омӯзиши лафзи дарӣ,*
*Сабти «Абсолу Саломон» аз сухан пайдо шавад.*
*Ғӯта бар баҳри сухан зад Айнӣ шабҳои дароз,*
*«Марги судхӯр»-у «Ғуломон» аз сухан пайдо шавад.*

### Ба устод Айнӣ

*Ба ёд орам рухи зебои Айнӣ,*
*Каломи бикру пурмаънои Айнӣ.*
*Ба зидди таънаю зулми амирон*
*Қалам шуд ханҷари буррои Айнӣ.*
*Ба шевоӣ надорад ҳеҷ ҳамто*
*Забони афсаҳу гӯёи Айнӣ.*
*Ба тасвири табиат ҳеҷ гоҳе*
*Намебошад касе ҳамтои Айнӣ.*
*Ба тамшиши бақои миллати хеш*
*Фузун шуд саъю кӯшишҳои Айнӣ.*
*Табар бар решаи миллатгарой*
*Бизад осори пурмаънои Айнӣ.*

### Сарват

*Оби кавсарсифати рӯди Зарафшон аз ман,*
*Дашти зархези ғаронмояи Хатлон аз ман,*
*Гарчи бар ман нарасид қитъаи ҳамвори замин,*
*Лек ёқуту зару ганҷи кӯҳистон аз ман.*
*Ба сурогӣ гуҳару лаълу зумуррад наравам,*
*Лоҷварду садафу лаъли Бадахшон аз ман.*
*Ҳеҷ душман натавонад, ки ҳақирам бикунад,*
*Парчами ҷилвагари тоҷи ниёгон аз ман.*
*Фазли Беруниву Синою Абӯбакри ҳаким,*
*Ҷои тавлиди Абӯмуслиму Салмон аз ман.*
*Аз ҷудоии Самарқанду Бухорои Шариф хаста машав,*
*Лафзи ширини дарӣ, Балхию Нуъмон аз ман.*

### Макун айбам

*Надорам ман ба ҷайби худ зару сарват, макун айбам,*
*Ба душворӣ ҳамеша мекунам тоқат, макун айбам.*
*Надорам эҳтиёҷе бар мақому шӯҳрату мансаб,*
*Маро лозим фақат осоишу ваҳдат, макун айбам.*
*Ман он булбул, ки ҳар дам сайри боғу бӯстон дорам,*
*Ба ҳар гул мекунам наззора бо шафқат, макун айбам.*
*Надорам майлу рағбат бар либосу лафзи бегона,*
*Намегирам зи баъзе нокасон ибрат, макун айбам.*
*Агар миллат бувад шамъе манам парвона гирди он,*
*Ба ношукрони миллат мекунам нафрат, макун айбам.*
*Манам Ғуфрон, ки доим мекунам шукронаи давлат,*
*Ба ҳифзаш менамоям кӯшишу ғайрат, макун айбам.*

### Воҷиб аст

*Обрӯи халқу миллатро фузудан воҷиб аст,*
*Уқдаҳои халқ бо нохун кушудан воҷиб аст,*
*Хизмати халқу Ватан қарз аст бар соҳибватан,*
*Бахри ҳифзаш доимо тайёр будан воҷиб аст.*
*Волидон масъули кори тарбият мебоянд,*
*Дар сари гаҳвора шабҳо ногунудан воҷиб аст.*
*Илм аз омӯзгору панд аз пирон бигир,*
*Лафзи пандомези пиронро шунидан воҷиб аст.*
*Бош фарзанди асилу дастгири волидон,*
*Пеши пои модарон пешона судан воҷиб аст.*

САХОВАТМАНДӢ

## Мадад ба таълимгоҳ

Муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ зимни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз Литсейи касбии махсуси маъюбони нохияи Рӯшон дидан кард. Мавсуф ҳамчунин, дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии ноҳия, ки номи доктори илмҳои филологӣ Додихудо Карамшоевро дорад, вохӯрӣ гузаронд.

Хайринисо Юсуфӣ аз номи Раиси ҲХДТ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бастаи маводи ғизоӣ, аз қабили орд, биринҷ, равған, шакар, пиёз, картошка, гӯшт ва дигар номгӯи маҳсулоти ниёзи аввалияро (дар ҳаҷми 2,5 тонна) дастраси маъмурият намуд.

*Ҷ. ҚОЗИБЕКОВ,*
*«Омӯзгор»*

*Қаноат тавонгар кунад мардро.*
*Саъдии Шерозӣ*



ЁДЕ АЗ БУЗУРГОН

# Оши қарзӣ

Охирҳои моҳи майи соли 1972 киштии минаандози “Бивалий”, ки мансуби эскадраи киштиҳои Флоти Шимолӣ буд, баъди сафари тӯлонии шашмоҳа ба пойгоҳи худ, воқеъ дар соҳили шаҳри Мурманск баргашт. Ҳайати киштӣ фармон гирифт, ки онро ба (ДОК) устохонаи дар хушкибудаи таъмири киштиҳо бирасонад ва ҳамоно ба ранг додани киштӣ шуруъ кунанд.

Дар ҳайати баҳрнавардони киштӣ аз Тоҷикистон танҳо Мирзороҳат Ниёзов хизмат мекард. Дар вақти сафарҳои баҳрӣ ин тоҷикбачаи ба қавли мардум, “бо дасту пой” гарчанде ошпази касбии киштӣ набуд, борҳо барои афсарону мичманҳо оши палав ва дигар намуди таомҳоро таҳия мекард. Баробари шуруъ гардидани корҳо, дар устохона Мирзораҳматро ошпаз таъйин мекунанд.

Мирзо рӯзе дар сари дег ба пухтани ош машғул буд. Баногоҳ чанде аз шариконаш ба наздаш омада, хабар доданд, ки баъди чанд соат намояндагони ҳайати фарҳангии Тоҷикистон ба киштии мо меоянд. Шоирону нависандагон низ шомили ин ҳайатанд.

Мирзо аллакай зирбаки ошро тайёр карда буд. Дар муҳлати таъйиншуда бештар аз сӣ нафар аз ходимони фарҳанг: овозхонҳову навозандагон ва шоирону нависандагон бо сарварии Мирзо Турсунзода расида меоянд.

Баҳрнавардон саф оростанд. Мирзо низ баъди дам партофтани ош ба саф ҳозир мешавад.

М.Турсунзода аз баҳрнавард ҳолу аҳвол мепурсанд. Дар чашми ҳарду ашки шодӣ пайдо мешавад.

- Гардиши фалакро бинед, ман дар ин гӯшаи дунё бо ҳамшаҳрии худ вохӯрдам. Номи ман Мирзо.

- Шуморо кӣ намешиносад? – хандида мегӯяд ошпаз ва меафзояд:

- Номи ман ҳам Мирзо-Мирзораҳмат.

- Боз ҳар ду ҳамном будаем.

Устод Турсунзода ҳамроҳи Ф. Муҳаммадиев дар кают - кампанияи афсарон, дигарон дар толори мичманҳо ҷой мегиранд. Дар чанд табақи сафолӣ ошро мекашанд. Ба ду нафар як табақ ош рост омада, ба ҳама мерасад. Баъди хӯрдани ош, ҳама ошпазро таъриф мекунанд. Командири киштӣ ба устод Турсунзода нигариста, ба ин баҳрнавард шумо чӣ баҳо медиҳед? – гуфта мепурсад:

Мирзо Турсунзода ҳамоно мегӯянд: “Агар ман ба ҷои шумо мебудам, 10 шабонарӯз ба ошпаз рухсатӣ медодам”.

Ин сухани меҳмони олиқадр мизбонро хеле ба ваҷд овард, вале ӯ иззати меҳмондориро бо фасоҳати хоси низомиёна ба ҷо оварда ва ӯ низ ба Мирзо 10 шабонарӯз рухсатӣ эълон кард.



Ҷонишини командири киштӣ ба хотири эҳтироми устод Турсунзода барои баҳрнавард аз ҷониби худ 10 шабонарӯз рухсатӣ эҳдо намуд. Командири киштӣ рафтуомадро ба эътибор гирифта, 2 шабонарӯзи дигарро ба рухсатӣ илова мекунад.

Дар замони Шӯравӣ ба бачаҳои хизмати низомиро анҷомдода таваҷҷуҳи хоссае аз ҷониби комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муаллимони имтиҳонгиранда дода мешуд. Онҳо ба имтиҳонҳо ва ҷаласаи қабули декан ба ректор бо либоси аскарӣ ҳозир мешуданд.

Соли 1975 Мирзораҳмат баъди анҷоми хизмати ҳарбӣ ба шаҳри Душанбе омада, донишҷӯйи Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ мегардад.

Рӯзи 4 сентябр дар Донишкада вохӯрии шоирону нависандагон баргузор мешавад. Азбаски Мирзо фурсати мувофиқе барои хардидории либосҳои маъмулӣ пайдо накарда буд, рӯзҳои аввали таҳсил бо сару либоси баҳрнавардӣ ба дарс мерафт. Мирзо ҳамроҳи шарикдарсон барои ширкат дар маҳфили адабӣ ба толори маҷлиси донишкада меояд. Баъди гузашти чанд лаҳзаи вориди толор шудан, банохост чашми устод Мирзо Турсунзода ба Мирзораҳмат меафтад ва устод зуд он касро мешиносанд. Дар ин вақт хушу гӯши ҳама дар толор ҳузурдоштагон ба минбари маҷлис равона шуда буд. Вақте ки нигоҳи Мирзо Турсунзода ба Мирзораҳмат бархӯрд, устод нарангушти худро рост намуда, ба сӯи ӯ чанд маротиба болою поён ҳаракат дода, бо як табассуми ширини хоси худ менигаранд.

Котибаи ректори донишкада дар толор рафтуо мекард ва ба хубӣ маълум буд, ки масъулияти баргузории ин маҳфил бар зиммаи ӯст. Ва ӯ ба назди Мирзораҳмат омада, хатчаеро ба дасташ медиҳад. Мирзо хатчаро мехонад. Дар он чунин навишта шуда буд: «Ҳамном, дар назди мошинаи рақами... маро интизор шавед.»

Декани факултети педагогӣ Абдулло Муродов, Фазлиддин Муҳаммадиев ва М. Турсунзода ба Мирзо савори мошини хизматии устод ба хонаашон мераванд. Дарвозаро писари калониашон Мақсуд боз мекунад.

Баробари ба хона ворид гардидан, устод ба ҳамсарашон Сабоҳат фармуданд: “Ман меҳмонро овардам, оши гуфтагиро биёр”.

Пас аз тановули лағмон ҳамагон нияти бархестан карданд.

- Не, ҳеҷ ҷой намеравед. Ҳозир оши қарзиро меоваранд.

Устод ҳамроҳи Абдулло Муродов, шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев бо ронанда ва ману Мақсуд ҳамтабақ шудем.

Ҳангоми тановули таом устод ба ман рӯй оварда:

–Мирзо, ман оши туро пурра хӯрдам Ту оши моро низ пурра мехӯрӣ. Агар онро пурра хӯрда, тамом кардӣ, дар таги табақ бобоятро мебинӣ.

-Ана, минбаъд ҳамин табақ аз они ту. Аз ҳамин рӯз, дар ин хона зиндагӣ мекунӣ. Мирзо худ ба худ аз дил мегузаронад, «мани деҳотӣ, куҷову шумо куҷо» ва ҳеҷ чиз нагуфта, хомӯширо ихтиёр мекунад.

Устод ба Абдулло Муродов нигариста фармуданд: “Ин донишҷӯи ту минбаъд дар ин хона зиндагӣ мекунад”.

Муддате аз байн мегузарад. Мирзораҳмат ба кору бори донишҷӯии худ андармон мешавад. Ҳангоми танаффуси донишҷӯён Мирзораҳмат ба саҳнаи факултет мебарояд. Дар ин вақт коргузори раёсати факултет ба суроғи ӯ меояд ва ӯро дар синфхона пайдо накарда, ба шарикдарсонаш мегӯяд, ки баробари омаданаш ба ӯ расонед, ки зуд ба назди Абдулло Муродов ҳозир шавад.

Баробари Мирзоро дидан А. Муродов мегӯяд:

- Ҳа, бача куҷо мегардӣ? То ҳол ба хонаи устод Турсунзода нарафтаӣ? Он кас ба ректор занг задаанд. Ректор ба ман супориш дод, ки туро пайдо карда, ба хонаи устод фиристам. Баъди дарс бору колоятро бардошта ба хонаашон рав!”

Мирзо ба хонаи устод омада, бо набераашон, писари Мақсуд дар як утоқ зиндагӣ мекунад. Манзили зист аз чанд ҳуҷра иборат буда, ҳамаи аҳли оила аз як дар ворид мешуданд ва аз ин Мирзо худро нороҳат ҳис мекунад.

Устод бо аҳли оилаи худ зимистон дар хонаи назди Иттифоқи нависандагон зиндагӣ мекарданд ва тобистонҳо бештар дар ин ҳавлӣ буданд. Вақти бозгашт аз сафари навбатӣ устод ба ҳавлӣ меоянд. Мирзо ба устод мегӯяд, ки ман хонаҳои он тарафи ҳавлиро таъмир карда, дар он ҷо зиндагӣ мекунам. Устод мегӯянд, ки марҳамат, аз дастат ояд, корро бин.

Дар яке аз рӯзҳои тобистон устод баъди сафари яхкафтаинаи Ҳиндустон ҳамроҳи ду меҳмон ба ҳавлӣ меоянд. Мирзо дар гулзори рӯи ҳавлӣ ба кор машғул буд. Вай мебинад, ки устод ба тарафаш меоянд, корро қатъ карда, ба пешвозашон мебарояд. Ба устод салом дода, аз даст дароз кардан каме ибо мекунад. Устод ҳамоно ин чизро эҳсос карда мегӯянд: - Писарам, дастони деҳқон ҳамеша поку тоза аст ва ҳарду дасти худро ба сӯи ӯ дароз мекунанд.

Аз ин сафарашон устод барои Мирзо либоси миллии ҳиндӣ савғо меоваранд.

Мирзораҳмат то ба охир расидани таҳсил дар хонаи устод мемонад. Устод Мирзо Турсунзода хизматҳои холисонаи ҳамноми худро дида, мувофиқи қоидаву қонуни ҳамон давр барои ӯ аз ҳисоби Академияи фанҳо ба маблағи 70 сӯм моҳона дархост мекунанд.

Як рӯз устод Турсунзода ба ҳавлӣ омада, ба Мирзо мегӯянд, ки ба ҳисобдории Академияи фанҳо равад. Мирзо ба он ҷо меравад. Ба ӯ пул дода, мегӯянд, ки охири ҳар моҳ омада маошашро бигирад.

Мирзо ҳангоми аввалин маротиба барои маош рафтан он ҷо олимон ва ходимони шинохтаи илмро мебинад, ки дар навбат истода, маош мегирифтанд. Мирзо ин одамонро дида, худ аз худ шарм мекунанд ва ба худ мегӯяд: «Ин одамон хизмати зиёд карда, баъд маош мегиранд. Ман бошам, чӣ кор кардаам, ки маош мегирам?» Мирзо дигар барои маош намеравад. Дар ин миён се моҳ мегузарад, ҳеҷ не ки ӯ барои моҳона ояд. Ҳисобдори академия маҷбур мешавад, ки ба устод Турсунзода телефон карда, сабаби барои моҳона наомадани ӯро бифаҳмад.

Ниҳоят, бо исрору хоҳиши устод Турсунзода ӯ барои маош ба Академия меравад. Баробари ба он ҷо расидан, русзани хазинадор ӯро мешиносад ва ба назди худ даъват карда, ба дасташ 210 сӯм медиҳад.

- Баъди даргузашти устод,- мегӯяд Мирзо, на танҳо хона, балки шаҳр низ дар назарам холӣ гашт. Мехостам, ҳар чӣ рӯзҳо тезтар гузаранд ва таҳсилу имтиҳонҳо ба охир расанду ман аз ин шаҳр баромада равам.

Баъзе аз инсонҳо чунин одате доранд. Баъди даргузашти одами ба дил наздику маҳбуби худ ба манзили зисти онҳо ё макони зисташон дигар аз сӯзи дил ёрои рафтан намекунанд. Қаҳрамони мо низ баъди ба ноҳия омадан дигар ягон маротиба ба Душанбе нарафтааст. Аммо то ба ҳол меҳру муҳаббати падаронаи устоди зиндаёд дар дилаш боқист ва ин вақтҳо бе рехтани ашк аз эшон ёд карда наметавонад.

*Неъмат НЕЪМАТЗОД, “Омӯзгор”*

МАҲФИЛИ АДАБӢ

# Базми ханда

Дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода ба ифтихори Рӯзи ханда маҳфили адабӣ баргузор гашт. Ректори донишкада, профессор М.Низомӣ дар оғози маҳфил аз нақши хандаю зарофат дар ҳаёти инсон, моҳияти фараҳмандию болидарӯҳӣ дар тақвияти фаъолияти ҳар фард суханронӣ кард ва зимнан, оид ба мавқеи ҳаҷв дар адабиёти тоҷик, маҳорату истеъдоди зумрае аз ҳунарпешаҳои бахши ҳаҷв ибрози андеша намуд.

Сипас, гурӯҳе аз устодону донишҷӯёни донишкада саҳнаоройӣ карда, саҳначаҳои ҳаҷвӣ оростанд, латифагӯию тақлидкорӣ намуданд, шеърҳои танзомез хонданд. Саҳнаҳои ҳаҷвии «Дод аз дасти Афандӣ», Барно аз Гипрозем» ва «Исто, чӯра, исто» ба аҳли толор хеле писанд омаданд. Маҳорати баланди ҳунарпешаҳои гурӯҳи ҳаҷвии «Шакарханд» ва тақлидкорон боиси кафкӯбиҳои ҳозирин гашт.

Дар ин базми ханда адиб ва рӯзноманигор Абдурауф Муродӣ ширкат варзида, як силсила ашъори ҳаҷвиашро қироат кард.

*Н.ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»*



Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ ба Тоҷикистон 14 дастгоҳи бехатарии маҳвкунандаи партовҳои тиббӣ тақдим кард.




# Дузди собиқ

Хоҳ пир ва хоҳ ҷавон бояд ба даҳонаш нигоҳ карда гап занад. «Даҳони пӯшида - сад тилло» - гуфтаанд. Ҳошимҷон бо шавқ як даҳон гап заду дар бало монд.

-Бачагӣ-да, падару модар нест, дар бозор як дона харбуза дуздида, ба даст афтодам. Дар милисахона як рӯз нишастам. Агар ба ёдам ояд, ҳоло низ дар хиҷолат мемонам, ҳарчанд ки зиёда аз чиҳил сол гузаштааст.

Буду шуди гап ҳамин аст. Дар байни ҳамсуҳбатон як ходими илмӣ низ будааст, кай ва дар куҷо гӯён савол дод.

Ҳошимҷон ба наздикӣ ба нафақа баромада буд. Сӣ сол омӯзгорӣ кардааст. Охир, вай омӯзгори андак-мундак нест, муаллими хизматнишондода. Камаш ду-се ҳазор нафарро хонондааст. Аз байни талабагони вай чандин номзади илм, бисёр муҳандис, доктор ба воя расидаанд.

Баъди се-чор рӯз ба хонаи Ҳошимҷон ҳамон ходими илмӣ омад. Перомуни тарбияи кӯдак ва қонун бо ҷӯшу хурӯш суҳбат карданд. Дар байни гап вай аз Ҳошимҷон:

-Баъди ба дасти милиса афтида баромадан ба чӣ хулоса омадед?-гӯён пурсон шуд.

Ҳошимҷон чӣ гуфтанашро надониста, каме забон хоид ва оқибат посух дод: -Ба ин воқеа аз 40 сол зиёд вақт гузашт. Дар ёд надорам, ки чӣ хулоса баровардаам.

-Ба ҳар ҳол, ягон чиз гӯед,-хоҳиш кард ходим.

-Ба ҳар ҳол, ба худам мувофиқ хулоса баровардагистам. Аз ҳамон давр харбуза намехӯрдагӣ шудам.

-Яъне, нақши тарбиявии милисаро инкор намекунед?

Ғаши Ҳошимҷон омад, дар ҳамин ҳол ҳам "ҳа, албатта" гуфт.

Бо ҳамин гап тамом шуд. Аммо чанд рӯз пас ба хонааш даъватнома омад, ки чунин мазмун дошт: "Мӯҳтарам Ҳошимҷон Олимҷонов, дар муассисаи таълимӣ вохӯрӣ бо толибилмон баргузор мегардад. Умедворем, бо дидоратон моро шод мекунед". Ба ин гуна ҷо ва ин хел даъватнома не гуфта мешавад? Ҳошимҷон ришашро тарошид ва костуми хубашро пӯшида ба маҷлис ҳозир шуд.

Дар маҷлисгоҳи мактаб одам намеғунҷид. Дар даҳани дар автобус бо навиштаи "Телесентр", дар воридот прожекторҳо, кинооператорон...

Ҳошимҷонро ба минбар даъват карданд. Бинад, ҳамон ходими илмии дирӯза дар боло нишастааст. Ба ин Ҳошимҷон ҳайрон нашуд, "хайр, нишастаастда", - гӯён бепарво шуд. Аммо баъди он ки вай ба минбар баромада, суханронӣ кард, аз шигифт даҳонаш воз монд. Ходими илмӣ бо эҳтироси зиёд, гоҳ садояшро баланд ва гоҳе паст карда, гап мезад:

-Мана, дар рӯ ба рӯятон собиқ ҷинояткорон, роҳзанҳо, дуздони майда...

Пеши чашмони Ҳошимҷонро торикӣ фаро гирифт. Давоми гапро нашунид, зеро гӯшаш ғуввас карду сараш чарх зад. Ходими илмӣ ба нутқи худ идома мебахшид:

-Аммо ин ҷинояткорон бо кумаки мо аз сари нав тарбия гирифта, ба шахсони бошуури ҷамъиятамон мубаддал гаштанд...

Ҳошимҷон аз ҳол рафт. Кай ҷамъомад ба охир расид, чӣ тавр ӯ ба хонааш омад, намедонад. Аз байн се рӯз гузашт. Ҳошимҷон телевизор тамошо дошт, банохост ҳамон ходими илмӣ суханронӣ карда, оҳанги дилхарошро такрор мекард ва фитаи дар маҷлисгоҳ сабт кардаашро ба намоиш гузошта, башараи "дуздони собиқ"-ро гаштаву баргашта нишон медод.

Замин накафид, ки Ҳошимҷон дарояд. Дар наздаш ду набера ва келинаш нишаста буданд. Берун аз он, ҳазорон шогирдаш дар ин вақт устоди "собиқ дузд"-ашонро тамошо доштанд...

Баъди ин гапу калоча аз байн 8 моҳ гузашт. Ҳамон ходими илмӣ сазовори унвони номзади илм шуд. Аз ин гап "дузди собиқ"-е, ки ӯро ба дараҷаи олимӣ расонд, хабар надошт.

***Аз ӯзбекӣ тарҷумаи***
***Ҳаким АЛӢ, шаҳри Ҳисор***

# Телевизион ва кӯдакон



Чи қадаре ки таҳқиқотҳои гуногун телевизорро ба инкишофи ақлонии насли наврас мавриди омӯзиш қарор диҳанд, дар интиҳо танҳо ба як хулоса меоянд: беҳтараш, кӯдакон телевизорро тамошо накунанд.

Роберт Ҳенкокс ва ҳамкорони ӯ дар Донишгоҳи Отагои ИМА беш аз ҳазор нафари дар солҳои 1972 – 1973 таваллудшударо ташхис намуданд. Онҳо аз волидони ин наврасон пурсон шуданд, ки ташхисшавандагон дар синни панҷ, ҳафт, нуҳ, сездаҳ ва понздаҳсолагӣ дар як рӯз чанд соат назди оинаи нилгун менишастанд? Сипас, комёбиҳояшонро дар таҳсил дида баромада, ба як қарор омаданд: кӯдакони аз синни панҷ то ёздаҳсолае, ки камтар телевизор тамошо мекарданд, соҳиби маълумоти олӣ гаштаанд. Зимнан, бояд қайд кард, ки пешравии ин кӯдакон аз вазъи иҷтимоиву инкишофи ақлониашон вобаста будааст.

# Ронандаи сесола

Писараки сесолаи америкоӣ аз падараш хоҳиш кард, ки ба ӯ шоколад бихарад. Падар дар истгоҳ мошинро дошта, барои харидани шоколад ба мағоза рафт. Писарак бошад, тормози дастии мошинро сар дод ва 14 метр пеш рафта, ба мошини пулисҳо бархӯрд. Вақте пулисҳо дар паси мошин Оливери хурдакакро диданд, ҳайраташонро ҳадду ҳудуд набуд. Дар бораи ҳодисаи рӯйдода бо баландгӯяк дар мағозаи супермаркет эълон карданд ва падари наврас зуд ба кӯча баромад.

Ҷаноби Костер писарашро паси фармони мошин нишаста ором дарёфт. Миёни кӯдак бо тасмаи бехатарӣ баста шуда буд. Вақте кӯдак падарашро дид пурсид: «Ту ба ман шоколад харидӣ?!»

- Ман фикр накардам, ки ягон кори хатарнок мекунам, охир бисёриҳо кӯдаконашонро дар мошин танҳо мегузоранд. Ман ҳеҷ гумон карда наметавонистам, ки Оливер тормозро раҳо карда метавонад, - мегӯяд падари писарчаи шӯх бо ҳайрат. Вай қасам хӯрдааст, ки дигар ҳеҷ гоҳ кӯдакро дар мошин танҳо намегузорад.

Дугоникҳои қадпасттарини сайёра Ҷон ва Креч Райсҳои америкоӣ мебошанд. Онҳо 56 – сола буда, қадашон 86, 33 сантиметрро ташкил медиҳад.

***

Сокинони ҶИЭ аз ҳама пеш ҳуқуқи овоздиҳиро пайдо мекунанд. Ба онҳо ҳанӯз аз понздаҳсолагӣ имконияти дар интихобот иштирок кардан дода мешавад.

# Аз китоби «Рекордҳои Гиннес»

***

Тибқи маълумоти маҷаллаи «Экономист» Токио макони фурӯши молҳои қиматтарини дунё мебошад. Пойтахти Эрон – шаҳри Теҳрон шаҳри дорои молҳои хушсифати арзонтарин эътироф шудааст.

***

Уилям Ҷеймс Принг аз Британияи Кабир 20 ноябри соли 1988 баъди 88 соли ҷудоӣ тавонист хоҳари худ Элси Мэй Эшфордро пайдо кунад. Хоҳару бародар бо ёрии артиши наҷотбахш ба дидори ҳамдигар расиданд.

***

Дугоникҳои қоматбаландтарини олам Майкл ва Ҷеймс Лакерҳо (аз ИМА) мебошанд, ки қадашон ба 2, 35 метр баробар аст.

# Муаммои «Сомон»




**Аз боло ба поён:**

1. Навъи хатти арабиасос.
2. Асосгузори шеъри сафед.
4. «Эй ки берун меравӣ, ин * * * -ро гум макун». (Лоиқ).
6. Дарахти ҷавон.
7. Номи тоҷикии унсури кимиёвӣ.
8. «Ки * * * - ро баланд аст ошёна» (Ҳофиз).
10. «Гар * * * ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст?»
12. Поён, натиҷаи ҳар кор.
13. «* * * сар ба сар тан ба куштан диҳем» (Фирдавсӣ).

**Аз чап ба рост:**

1. «Сару * * *-и Сомонӣ сар омад» (М. Қаноат).
3. Зиёратгоҳ дар Каъба.
5. Шаҳр дар қитъаи Осиё.
7. Шеърро гӯянд.
9. Неъмати моддӣ.
10. «* * * медиҳаму намедиҳам сар» (Камоли Хуҷандӣ).
11. Хеле мусоид, форам.
12. Худовандро гӯянд.
14. Навъи хатти арабиасос.
15. Асбоби дуредгарӣ.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

## ПУЛЧИНАК



Дар мусофирбари пур аз одам нафаре аз қисмати қафои нақлиёт садо мекунад:

-Ҳамон аблаҳеро, ки одамонро тела медиҳад, аз мусофирбар берун кунед!

Дар ҷавоб садо меояд:

-Ман аблаҳ не, ман пулчинакам!

## ҒОЛИБ



Падар аз писарчааш мепурсад:

-Бачем, дар боғча занозанӣ мекунед?

Писарак:

-Ҳа, дада.

Падар:

-Кӣ ғолиб меояд?

Писарак:

-Мураббияамон!

## АЛГЕБРА



Талаба ба муаллим мегӯяд:

-Устод, ҳамин алгебраи шумо дар зиндагӣ ба ман чӣ лозим мешавад?

Муаллима:

-Эҳ Саидов, вақте ки дар 35-солагӣ бо кӯдаконат дарс тайёр кардӣ, моро бисёр ба ёд меорӣ!

## ПОЙАФЗОЛ



Марде ба бозор рафта, ба фурӯшандаи пойафзол мегӯяд:

-Шумо барои духтарчаи синфи 3 пойафзол доред?

Фурӯшанда мепурсад:

-Аниқтар гуфта метавонед?

Мард:

-Синфи 3-юми «А».

## МАСЪАЛА

Падар бо кӯдакаш вазифаи хонагӣ тайёр мекунад. Аз духтарча мепурсад:



-Рӯзи якум 5 истакон қулфинайро хӯрданду рӯзи дуюм 2 истакон камтар, рӯзи сеюм бошад, ба андозаи рӯзи якуму дуюм. Дар давоми се рӯз ҳамагӣ чӣ қадар қулфинай хӯрданд?

Духтарча масъаларо ҳал карда истода, зери лаб ғур-ғур мекунад.

Падар мепурсад:

-Чаро ғур-ғур мекунӣ?

Духтарак мегӯяд:

-Якуякбора ҳамон қулфинайро мехӯрданд, се рӯз кашол додан чӣ лозим буд?

Паҳлавони тоҷик Темур Раҳимов дар мусобиқаи ҷудои «Antalya Grand Slam 2022» медали биринҷӣ ба даст овард.

*Кори имрӯз ба фардо афкандан аз коҳилтанист.*
*Байҳақӣ*



# Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд

**Раёсати илм ва инноватсия:**
- сардори раёсати илм ва инноватсия - 1 ҷой (категорияи 1), маоши мансабӣ - 2746 сомонӣ;

**Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ:**
- сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ - 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ - 1380 сомонӣ;

**Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**
- сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ - 1 ҷой (категорияи 3), маоши мансабӣ – 2056,20 сомонӣ.

*Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали тарифӣ пардохт карда мешавад.*

**Талабот ба довталабон**

**Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:**

-ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинигардида;
-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 4х6);
-тарҷумаи ҳол;
-нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
-маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038;
-маълумотнома аз ВКД (оид ба доғи судӣ)
-нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
-маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
-нусхаи шиноснома;
-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Талаботҳои тахассусӣ барои ишғолкунандагони мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ**

1.Талаботи тахассусӣ барои мансаби **сардори раёсати илм ва инноватсия:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси гуманитарӣ, техникӣ ё табиӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

2.Талаботи тахассусӣ барои мансаби **сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисосҳои гуманитарӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

3.Талаботи тахассусӣ барои мансаби **сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ ва ё молиявӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);

***Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ ё электронӣ қабул карда мешаванд.***

***Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад-13А, телефон: 221-37-65, 227-67-07, факс: 221-70-25, суроғаи электронӣ: kadr@maorif.tj, сомона: www.maorif.tj***

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Вазорати маориф ва илм**

## Диққат: озмун!

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон барои беҳтарин мақолаҳо дар мавзуи **«Пешвои миллат – ҳомӣ, арҷгузор ва тарғибгари забони тоҷикӣ»** озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба хидматҳои барҷаставу мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони тоҷикӣ ва ифтихори миллию асолати таърихӣ дар осори Пешвои муаззами миллат таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Мақолаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва ё методӣ бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи сентябр идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон (5-уми октябр) ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**
**Ҷойи 1 – 2200 сомонӣ**
**Ҷойи 2 – 1600 сомонӣ**
**Ҷойи 3 – 1200 сомонӣ**

**Таъкид:**

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times Nev Poman Tj. 14 - 1,5 интервалӣ) зиёд бошад, дар акси ҳол, ба озмун роҳ намеёбанд.

Пас аз ҷамъбасти озмун мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида интишор хоҳанд шуд.

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**
**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»**

## Диққат: озмун!

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо мақсади нақшгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат эълон шудааст, барои беҳтарин мақолаву гузоришҳо дар мавзуи **«Нақши маориф ва илм дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат»** озмун эълон менамояд. Нигоштаҳое, ки ба озмун фиристода мешаванд, бояд ба умдатарин масоили рушди саноат, ҳамбастагии илму амал, имконоту мавқеи аҳли маориф вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар бахшида шуда, мулоҳизоту пешниҳодот ва андешаву баррасиҳои ҷолибро дар бар гиранд, забони равону муассир дошта бошанд.

**Озмун аз оғози моҳи феврал то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ҷамъбаст мегардад.**

**Барои ғолибон мукофотҳои зерин муқаррар шудааст:**
**Ҷои аввал: 2000 сомонӣ**
**Ҷои дуюм: 1500 сомонӣ**
**Ҷои сеюм: 1000 сомонӣ**

Ғолибон, ҳамчунин, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Rjman Tj 14-1,5 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.

## Эътибор надорад

Шаҳодатномаи гумшудаи ТШТУ №775133, ки онро соли 1980 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Муратов Рахмон Хаятович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА-№0727340 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2018 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Одинаева Мастона Маҳмадшоевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0265375 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2008 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Кабулова Наргизахон Холматҷоновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А-№148342 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1980 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шагнамова Фотима Садуллоевна додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи ЦВ №793709, ки онро соли 1993 Университети давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) ба Назаров Худжа Ерович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №245947, ки онро соли 1996 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Кинжаева Куйсиной Абдулмажидовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №173993 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1989 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Худойназаров Бахтиёр Урмонович додааст, эътибор надорад.

**Кормандони шуъбаи маорифи ноҳияи Айнӣ ба мушовири шуъба Муллоҳомид Ҳомидов бинобар вафоти фоҷиавии писараш МАФРӮЗҶОН изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунанд.**

**Кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба Нависандаи халқии Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ бинобар даргузашти БАРОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Кормандони МТМУ №13-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ аз даргузашти омӯзгори ҳамин муассиса Назира ДИЛМУҲАММЕДОВА андуҳгин буда, ба аҳли байт, пайвандон ва наздикони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Кормандони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ба мудири озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳо, номзади илмҳои биологӣ А. Мадаминов аз даргузашти бародараш, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдураҳим МАДАМИНОВ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба устоди ДДОТ ба номи С. Айнӣ, муаллифи фаъоли ҳафтанома Ҳотам Саидов бинобар даргузашти ҲАМСАРАШ изҳори ҳамдардӣ менамоянд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора Ҳ. ХОМИД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40885 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.

**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Давлати Қатар "Фонди рушди Қатар" барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023 бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо намудааст.**

Давраи бақайдгирӣ тариқи онлайн буда, маълумот оид ба стипендия, тартиби қабул ва қоидаҳои таълим дар вебсайти htpp://qatarscholarships.qa/ мавҷуд аст.

Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 47 (назди Алиф Сармоя).

**Телефон: 2-23-23-59.**

**Почтаи электронӣ: mbb-2008@mail.ru**


## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2022

**Агар хоҳед, ки дар соли 2022 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

**Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 149 сомонию 05 дирам**

**СУРАТҲИСОБИ МО**

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»


**СУГВОРӢ**

# Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

**қабули довталабонро барои соли таҳсили 2018 – 2019 аз рӯи ихтисосҳои зерин эълон менамояд:**

| Рамзи ихтисос | Кластер | Номгӯи ихтисосҳо | Нақшаи қабул | | | | Нархи шартномаи таҳсил (бо сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Рӯзона | | Фосилавӣ | | Рӯзона | Фосилавӣ |
| | | | Буҷавӣ | Пулакӣ | Буҷавӣ | Пулакӣ | | |
| 1-740206 | 1 | Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ | 10 | 15 | | | 2650 | |
| 1-54010105 | 1 | Метралогия, стандартикунонӣ ва сертификатсия | 5 | 20 | 5 | 20 | 3200 | 2500 |
| 1-50010101 | 1 | Ресидани нахи табиӣ | 10 | 15 | | | 2650 | |
| 1-500102 | 1 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | 10 | 11 | 10 | 11 | 2650 | 2500 |
| 1-44010303 | 1 | Ташкил ва бехатарии ҳаракат дар роҳ | 10 | 15 | | | 3200 | |
| 1-0801011101 | 1 | Таълимоти касбӣ | 10 | 15 | | | 2500 | |
| 1-400101 | 1 | Таъминоти барномавии технологияи иттилоотӣ | 10 | 36 | | | 3200 | |
| 1-52020101 | 1 | Технология ва таҷҳизоти маҳсулоти заргарӣ | 10 | 14 | | | 2650 | |
| 1-740605 | 1 | Таъминоти энергетикии кишоварзӣ (аз рӯи самтҳо) | 15 | 35 | 15 | 35 | 3200 | 2500 |
| 1-400102 | 1 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар энергетика) | 10 | 15 | 10 | 15 | 3200 | 2500 |
| 1-70020101 | 1 | Технология ва ташкили саноати сохтмонӣ | 10 | 15 | | | 3200 | |
| 1-52020102 | 1 | Технологияи маҳсулоти чарминвории чармӣ | 10 | 14 | | | 2500 | |
| 1-49010201 | 1 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 10 | 15 | | | 2500 | |
| 1-49010102 | 1 | Технологияи истеҳсолӣ маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қанодӣ | 10 | 14 | | | 2500 | |
| 1-74030302 | 1 | Технологияи коркарди маҳсулоти моҳӣ | 10 | 15 | | | 2500 | |
| 1-50010104 | 1 | Технологияи матоъҳо | 10 | 14 | | | 2500 | |
| 1-360101 | 1 | Технологияи мошинсозӣ | 5 | 20 | | | 3200 | |
| 1-500101 | 1 | Технологияи ришта, матоъ, нассоҷӣ ва матои бе тору пуд | 10 | 13 | | | 2650 | |
| 1-50010105 | 1 | Технологияи трикотаж | 10 | 15 | | | 2500 | |
| 1-49010202 | 1 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | 10 | 15 | | | 2500 | |
| 1-25010805 | 2 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | | 30 | | 25 | 3200 | 2500 |
| 1-26010109 | 2 | Идораи лоиҳаи инвеститсионӣ | | 30 | | | 3200 | |
| 1-25010410 | 2 | Менеҷменти молиявӣ | | 50 | | | 3200 | |
| 1-250104 | 2 | Молия ва қарз | | 30 | | 25 | 3200 | 2500 |
| 1-40010202 | 2 | Низом ва технологияҳои иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | | 50 | | | 3200 | |
| 1-890101 | 2 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 10 | 15 | | | 3200 | |
| 1-19010105 | 3 | Дизайн (костюм ва газвор) | 12 | 13 | | | 2500 | |
| 1-1901010202 | 3 | Дизайни дохили бино | 11 | 14 | 11 | 14 | 2500 | 2500 |
| 1-1901010504 | 3 | Дизайни маҳсулоти бофандагӣ | 10 | 14 | | | 2500 | |
| 1-260102 | 4 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | | 30 | | | 3200 | |
| 1-48020102 | 5 | Биотехнология | 10 | 40 | 10 | 40 | 3200 | 2500 |
| 1-48020103 | 5 | Технологияи чарб, равғани эфир ва маҳсулоти атриотию косметикӣ | 10 | 15 | | | 3200 | |

**БАҲОРИЯ**

## *Як субҳи баҳорӣ*

*Баҳорон рӯйи дунё пуршарар буд,*
*Табиат манзури аҳли назар буд.*
*Гулу гулбуттаҳо ҳомила гашта,*
*Насими навбаҳорӣ шери нар буд.*
*Пур аз борони раҳмат ҷоми гулҳо,*
*Сари ҳар барги гул аз қатра тар буд.*
*Гулу гулбонуҳоро дида дӯхта,*
*Маро гӯё на дил буду на сар буд.*
*Нигоҳу ишваю нозу карашма,*
*Якояк назми ишқамро асар буд,*
*Гуноҳе буд даме пӯшидани чашм,*
*Ҳаёву сабру шарм зеру забар буд.*
*Сафи миҷгону ҳар теғи нигоҳе,*
*Нигоҳи дилбарон мушти хатар буд.*
*Гурехт аз ҳар ду дида хоби ғафлат,*
*Саҳар хобидани Кайҳон зарар буд.*

*Кайҳони СӮФӢ*

### Эътибор надоранд

Шаҳодатномаи гумшудаи А№0069786 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансри шаҳри Душанбе ба Маҳмадова Хайринисо Маҳмадрафиевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А№087689, ки онро соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Давлятова Шаҳло Мамадулобековна додааст, эътибор надорад.

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба дотсенти кафедраи мусиқии мардумӣ Рӯзадоров Хушвахтшо нисбат ба марги нобаҳангоми бародараш, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон МУҲАББАТШО РӮЗАДОРОВ изҳори ҳамдардӣ намуда, ба пайвандон ва наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба декани факултаи мусиқӣ – омӯзгорӣ Ёров Султонмурод нисбат ба марги нобаҳангоми хоҳарбузургаш БОЕВА ЗУЛАЙХО изҳори ҳамдардӣ намуда, ба пайвандон ва хешу табoрони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

**ЗИКРИ ХАЙР**

# Ситорашиносе буд, ситора шуд

Абдурасул Раҳмонов 2 сентябри соли 1956 дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон, дар оилаи муаллим таваллуд шудааст. Баъди хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ӯ фаъолияти меҳнатиашро соли 1977 ҳамчун муаллими физикаю математика дар мактаби миёнаи № 33 ш. Душанбе оғоз намуд. Баъдан ба Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба кор пардохта, таҳти роҳбарии астрофизики шинохта, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, профессор Хурсанд Ибодинов дар Озмоишгоҳи астрофизикаи таҷрибавӣ ба таҳқиқи моделҳои ҳастаи кометаҳо (ситораҳои думдор) машғул шуд. Солҳои 1983 – 1986 аспиранти Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон буд ва баъд рисолаи илмиро дар мавзӯи «Таҳқиқи таҷрибавии таҳаввули ҳастаи яхини бо қабати минералии мушкилгудоз пӯшидашудаи кометаҳо» дифоъ намуд.

Таҳқиқотҳои тӯлонии бо кометаҳои сунъӣ гузаронидааш имкон дод, ки бо пӯстлоҳи мушкилгудоз пӯшида шудани ҳаста ва хусусиятҳои физикию механикии кометаҳоро муайян намояд. Натиҷаҳои илмии ба даст овардааш дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи астрофизика ба пуррагӣ истифода мешавад. Дар давоми фаъолияти худ зиёда аз 50 мақолаи илмӣ дар бораи хосиятҳои физикию механикӣ ва гармигузаронии моделҳои ҳастаи кометаҳо таълиф намудааст.

То соли 2002 дар Институти астрофизика дар вазифаҳои муҳандис, сармуҳандис, ходими хурди илмӣ ва ходими илмӣ фаъолият намуда, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард.

Соли 2001 Абдурасул Раҳмоновро барои хондани лексия ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон даъват менамоянд. Маҳорати педагогии ӯро ба назар гирифта, минбаъд барои кори доимӣ ба кафедраи астрономияи навташкилёфтаи донишгоҳ (1999) ба кори доимӣ даъват карданд. Аз 1 сентябри соли 2002 то соли 2004 дар вазифаи муаллими калони кафедраи астрономияи факултаи физика фаъолият намуд. Дар ин муддат ҳамроҳ бо устодони бузургвор, академик Пӯлод Бобоҷонов, узви вобастаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Хурсанд Ибодинович Ибодинов ва дигарон маҳорати илмию педагогияшро сайқал дода, вазифаҳои дар наздаш гузоштаро хуб иҷро менамуд. Дар конкурси ишғоли вазифа иштирок намуда, аз 23 феврали соли 2004 то рӯзи вафоташ (20 марти соли 2017) чанд навбат сардори кафедраи астрономияи факултаи физикаи ДМТ буд.

Дареғо, ки ин олими ситорашинос дар авҷи камолот ҳаётро падруд гуфт. Сактаи дил ӯро ба манзили охират бурд, лекин ёдаш, симояш дар осмони қалбҳо чун ситора дурахшон хоҳад монд.

*Хешу ақрабо,*
*ёру дӯстон ва шогирдон*

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сайти ҳафтанома: www.omuzgor-news.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Н.САИД, А.РАҲМОНЗОДА, Р.МИРБОБОЕВ, Л. НАЗИРӢ, Ф.УСМОНЗОДА, Б. ОДИНАЗОДА, Ф.РАҲИМӢ, А.МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н.ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ӯҳда нагирад. *Навбатдорони шумора Ш. РАҶАБЗОД, Ҳ. ҲОМИД*

Ҳафтанома дар Муассисаи ҶДММ «Мега принт» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 38408 нусха | Тарроҳ: С. Ниёзов | Ҳуруфчинон: Р. Музофирова ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.